УСТОД ГУЛНАЗАР 80-СОЛА ШУД с. 9

ОБИ НӮШОКӢ ГАРОН МЕШАВАД с. 5

БОРИ АВВАЛ ЗАН РОҲБАРИ ДАВЛАТ с. 4

ТОҶИКИСТОН

№38 (1651), 17.09.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост! Оғози нашр соли 1992



«GREEN CARD» ДИГАР РОЙГОН НЕСТ

25 млн доллар фоидаи Амрико дар як сол





ДАР ИН ШУМОРА:

ПРЕЗИДЕНТ ДАР ҚАТАР
Аз маҳкумсозии Исроил то мулоқоти сатҳи баланд с.2

АҲМАД МАСЪУД:
Тоҷикистон ҳеҷ гоҳ ҳомии ҷанг набуд с.4

РВКД
Маълумотномаи доғи судӣ медиҳад с.5

ЧОЙХОНАИ ТУРСУНЗОДА
Чӣ тавр шоир Ҳавзи Моронро наҷот дод? с.9

ТӮЙҲОИ ПУРДАБДАБА
Анъана ё рақобат с.10

ФИЛМҲОИ ТОҶИКӢ
Яке ба Ӯзбекистон меравад, дигаре ба Қазоқистон с.13

АНОРИ «КАРИМӢ»
Таҷрибаи 50-солаи деҳқони 90-сола с.10

ҚАДПАСТӢ
Аз нигаронӣ то роҳи ҳал с.12

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Рафаэл НЕКТАЛОВ,
сармуҳаррири рӯзномаи “The Bukharian Times”

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

Шариф РАҲИМЗОДА,
доктори илми иқтисодӣ, профессор

Урватулло ТОИРОВ,
доктори илми филология, профессор

Тамара МОСКАЛЁВА,
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШӮЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.



ПРЕЗИДЕНТ ДАР ҚАТАР

Аз маҳкумсозии ҳамлаи Исроил то мулоқоти сатҳи баланд

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи ғайринавбатии сарони кишварҳои арабӣ ва исломӣ, ки 15-уми сентябри соли ҷорӣ дар шаҳри Давҳаи Қатар баргузор шуд, ҳамлаи Исроил ба Қатарро “таҷовуз ба соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии ин кишвар” арзёбӣ карда, онро қотеона маҳкум намуд. Ҳамлаи низомии Исроил ба Қатар 9-уми сентябр рух дод.

ҚОТЕОНА МАҲКУМ МЕКУНЕМ…

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ изҳор дошт: “Мо бори дигар ин амали таҷовузкоронаро, ки поймолсозии дағалонаву ошкорои ҳуқуқи байналмилалӣ ва усулҳои бунёдии Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид мебошад, қотеона маҳкум мекунем”.

Ҳамчунин, Президенти кишвар аз вазъи фоҷиабори Навори Ғазза дар ду соли охир изҳори нигаронӣ намуда, таъкид кард, ки ҳар гуна амали хушунатомез дар Ховари Миёна метавонад боиси афзоиши ташаннуҷ ва сар задани ихтилофоти нав гардад.

Ба гуфтаи ӯ, чунин раванди хатарзо ба музокироту муколама ҷиҳати расидан ба сулҳу суботи пойдор дар минтақа монеа эҷод мекунад.

Дар идомаи суханронӣ Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зарурати таҳкими ҳамбастагии кишварҳои мусулмонро таъкид намуда, гуфт: “Имрӯз уммати мусулмон рӯ ба рӯи хатарҳои ҷиддии терроризм, ифротгароӣ ва дигар таҳдидҳо ба тамаддуни башарӣ қарор дорад”.

Ӯ таъкид кард, ки дар чунин шароит, “бархӯрди ягона ва рӯйкарди муштараки кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Исломӣ дар мубориза бо ин хатарҳо” талаботи замон ба шумор меравад.

АМИРИ ҚАТАР: ҲАМЛАИ ИСРОИЛ БА ДАВҲА ҶИНОЯТИ ОШКОР АСТ

Амири Давлати Қатар Тамим бин Ҳамад Оли Сонӣ дар ҷаласа ба ҳайси мизбон изҳор дошт, ки дар пайи ҳамлаи рӯзи 9-уми сентябр ба шаҳри Давҳа 6 нафар, аз ҷумла як низомии кишвараш кушта шуда, 19 тан ҷароҳат бардоштаанд.

Ӯ масъулияти ин ҳамларо бар дӯши Исроил гузошта, изҳор кард, ки ҳадафи аслии Исроил нест кардани минтақаи Ғазза аст, на озод намудани шаҳрвандони худ аз асорати гурӯҳи “Ҳамос”.

«Озодии сарбозон ва ғайринизомиён дар авлавияти онҳо қарор надорад. Музокирот барои Исроил танҳо як воситаи идомаи ҷанг аст, як тактикаи сиёсиест, ки бо амалиёти низомӣ ҳамзамон роҳандозӣ шуда, ҳадафаш гумроҳ сохтани афкори ҷомеаи Исроил мебошад»,- таъкид кард Амири Қатар.

Ба иттилои телевизиони “Ал-Ҷазира”, Амири Давлати Қатар Тамим бин Ҳамад Оли Сонӣ изҳор намуд, ки сарвазири Исроил Бенямин Нетаняҳу талош дорад ҷаҳони арабро ба минтақаи нуфузи худ табдил диҳад ва ба ҳар кишвари минтақа ҳар вақте хоҳад, ҳамла кунад.

Амири Қатар афзуд, ки кишвараш барои ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва истиқлоли миллӣ ҳама чораҳои заруриро меандешад ва аз ҳуқуқи худ дифоъ хоҳад кард.

Ҳамлаи Исроил ба Қатар аз ҷониби тамоми иштирокчиёни ҷаласа маҳкум гардид ва аксари роҳбарони кишварҳои мусулмонӣ зарурати ваҳдат ва ҳамбастагии миёни кишварҳои исломиро таъкид намуданд.

МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО АМИРИ ҚАТАР

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Давҳа дар ҳошияи ҷаласаи ғайринавбатии сарони кишварҳои арабӣ ва аъзои Созмони Ҳамкории Исломӣ бо Амири Давлати Қатар Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ мулоқот намуданд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт, ки муносибатҳои Тоҷикистон ва Қатар бо дар назар доштани манфиатҳои муштарак ва бар асоси усули дӯстиву бародарӣ пайваста густариш меёбанд.

Густариши робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ, рушди бештари ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика, нақлиёту коммуникатсия, саноат, истихроҷу коркарди маъданҳо, кишоварзӣ барои ҳарду ҷониб судовар номида шуд.

Ба рушди пайвастаи ҳамкорӣ дар самтҳои фарҳанг, илму маориф ва сайёҳӣ низ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардид.

Атрофи равобити дуҷониба дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Ҳамкории Исломӣ ва дигар сохторҳои бисёрҷониба табодули афкор сурат гирифт.

Мубодилаи ошкору ҳамачониба, ҳамчунин, доир ба рушди авзои минтақа дар пасманзари зарбаҳои ҳарбӣ ба Қатари дӯст ҷараён гирифт.

ДУ ДАВЛАТ БАРОИ ДУ МАРДУМ

Дар ҳошияи ҷаласаи ғайринавбатии сарони кишварҳои арабӣ ва аъзои Созмони Ҳамкории Исломӣ мулоқоти Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Эрон Масъуди Пизишкиён доир шуд.

“Дар вохӯрӣ масоили ҳамкории Тоҷикистону Эрон ва мавзуҳои минтақавию байналмилалии мавриди таваҷҷуҳи муштарак баррасӣ шуд”,- иттилоъ медиҳад хадамоти матбуоти Президенти кишвар.

Ҷонибҳо вазъи кунунии мураккаб ва ноустувори минтақаи Ховари Миёна ва ҷаҳони исломро муҳокима намуда, андешидани тадбирҳои муассири якҷояро барои нигаҳдории эътидол ва осоиши саросарӣ зарур шумурданд.

Аз қабули қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид, ки чанде пеш сурат гирифта, ҳаллу фасли низои Фаластину Исроилро дар асоси усули “ду давлат барои ду мардум” дар назар дорад, истиқбол карда шуд.

Гуфта шуд, ки Тоҷикистон роҳи ҳалли ҳамаи бухрону низоъҳоро дар минтақа ва ҷаҳон, қабл аз ҳама, дар музокироту муколама мебинад.

ПАС АЗ 4 СОЛ

Сафири Тоҷикистон дар Афғонистон бо Толибон вохӯрд



ПАС АЗ ЧОР СОЛ БОРИ АВВАЛ САФИРИ ТОҶИКИСТОН ДАР АФҒОНИСТОН САЪДӢ ШАРИФӢ БО НАМОЯНДАГОНИ ҲУКУМАТИ ТОЛИБОН ОШКОРО МУЛОҚОТ КАРД. АКСИ МУЛОҚОТИ ДИПЛОМАТИ ТОҶИКРО БО МАСЪУЛИ ТОЛИБОН ДАР ВИЛОЯТИ КУНАР ҚУДРАТУЛЛОҲ АБӮҲАМЗА ХАБАРГУЗОРИИ “БОХТАР” ВА ДИГАР РАСОНАҲОИ АФҒОНИСТОН НАШР КАРДАНД.

Ҳадафи сафари сафири Тоҷикистон дар Кобул Саъдӣ Шарифӣ ва мулоқоташ бо роҳбари Толибон расонидани кумаки Тоҷикистон ба осебдидагон аз зилзилаи ахир дар ин кишвар будааст.

Дар баёнияи матбуотии дафтари матбуоти Толибон дар Кунар, ки рӯзи душанбеи 14-уми сентябр нашр шуд, омадааст, ки дар ин дидор сафири Тоҷикистон паёми ҳамдардии ҳукумати кишвараш ба осебдидагони заминларзаи маргбори ахир дар шарқи Афғонистон ироа кардааст.

“Тоҷикистон ба Кунар се ҳазор тонна маводи ғизоӣ ва дигар ашёи зарурӣ ирсол кардааст ва кумакҳои бештар дар роҳ аст”,- гуфтааст сафири Тоҷикистон дар Кобул.

Қудратуллоҳ Абӯҳамза, волӣ ё худ роҳбари Толибон дар вилояти Кунар барои кумакҳои башардӯстона ба Саъдӣ Шарифӣ, сафири Тоҷикистон изҳори сипос кардааст.

Ба навиштаи "Афғонистон интернешинал", дипломати тоҷик аз номи президенти Тоҷикистон ба мардуми Афғонистон паёми таслият расонида, гуфтааст, ки кишвараш ба осебдидагони заминларза кумаки изофӣ хоҳад расонд.

“Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори он буд, ки Афғонистон кишвари шукуфо, амн, орӣ аз маводи мухаддир, орӣ аз гурӯҳҳои ифротӣ, як кишвари озод бошад”,- гуфтааст Шарифӣ дар суҳбат ба ин расона.

Кумакҳои башардӯстона аз Тоҷикистон барои осебдидагони заминларза дар шарқи Афғонистон рӯзи якшанбе ба Нангарҳор расид. 3000 тонна маводи ғизоӣ ва ғайриозуқа бо 9 мошини боркаш дар шаҳри Ҷалолобод тақсим шуд. Ҳоло беш аз 100 мошини дигари имдод аз Тоҷикистон вориди Афғонистон мешаванд.

Бар асари заминларза дар шарқи Афғонистон беш аз 2200 нафар кушта ва ҳазорон тани дигар мачруҳ ва овора шуданд. Аксари қурбониён занон ва кӯдакон будаанд, ки ба далели маҳдудиятҳои шадиди Толибон пас аз заминларза дастрасӣ ба хадамоти бехдоштиро надоштаанд.

Тибқи иттилои сомонаи Президенти кишвар ва Вазорати корҳои хориҷӣ Саъдӣ Шарифӣ моҳи сентябри соли 2020 ба вазифаи сафири фавқулода ва мухтори Тоҷикистон дар Афғонистон таъйин шудааст, вале ҳаводиси охир, яъне тасарруфи ҳукумати Афғонистон аз ҷониби Толибон дар соли 2021 сабаб шуд, ки аксари сафоратхонаҳо дар ин кишвар фаъолияташонро қатъ кунанд.

То ин замон гуфта мешуд, ки Сафорати Тоҷикистон дар Кобул ба таври маҳдуд ба фаъолияти хеш идома медиҳад, вале то имрӯз ягон хабар аз фаъолияти он ва сафир нашр нашуда буд.

Тоҷикистон ҳам ҳукумати Толибонро эътироф намекунад ва хоҳони ҳукумати ҳамашумул дар ин кишвар аст. Вале бо вуҷуди ин, Ҳукумати Тоҷикистон маротибаи дуюм аст, ки ба мардуми аз офатҳои табиӣ зарардидаи Афғонистон кумакҳои башардӯстона мефиристад. Додугирифти мол ва фурӯши барқ низ бо Афғонистон идома дорад.

Д. ҚОДИРПУР

САРИ САБЗ



**Бароти АБДУРАҲМОН,
Нависандаи халқии Тоҷикистон**

- Нависандаи бузурги амрикоӣ Ҷек Лондон ба қаламкаши ҷавоне мактуб навишта, огоҳ месозад, ки ҳеҷ гоҳ нигарони парии илҳом нагардад, зеро нависандагӣ 99 фоиз заҳмати гарону сангинест, ки бояд пайваста бинависӣ. Дар ин миён шояд парии илҳом гоҳ-гоҳ ба зиёрат биёяд.

- Ҳмм, пас сабаб ҳамин аст, ки бисёриҳо аз асари хуб нанавиштани нависандаҳои мо нигаронӣ мекунанд? Агар ҳа, пас, парии илҳом гоҳ-гоҳ ҳам ба зиёрат наомадааст то заҳмати гарону сангин менависанд...



**Фарҳод ҒАФФОРПУР,
коргардони филми
“Паканаи айнакдор”**

- Мо ҳоло беш аз ҳар замон ба синамои миллӣ барои бачаҳо ниёз дорем. Фарзандони мо бо андешаҳо ва арзишҳои дигарон бузург шуда истодаанд. Як қисми дигари онҳо, ки ҳоло дар хориҷа зиндагиву таҳсил мекунанд, ҳатто забони тоҷикиро дуруст намедонанд.

- Нигаронитон ҷон дорад, аммо синамои миллиро барои бачаҳо кӣ бояд фароҳам орад? Дастандаркорони филмҳои хориҷии бештар аниматсонии бо забони махлут тарҷумашуда не ку!



**Шероз МИРПОЧОЕВ,
магистранти тоҷики
муқими Фаронса**

- Бо ман дар гурӯҳ бачаҳо аз Италия, Бразилия, Колумбия, Юнон, Туркия, Салвадор, Булғористон ва бисёр кишварҳои дигар таҳсил мекунанд. Дар донишгоҳ намояндагони зиёда аз 150 миллат таҳсил мекунанд. Аз Тоҷикистон, то ҷое медонам, айни замон худам танҳо ҳастам.

- Танҳоӣ хосияти хуб надорад, рафиқ. Як бор амиқ ба фикр фурӯ равед ва роҳҳои кумак ба ҳаммилатони худро барои таҳсил карданашон дар донишгоҳи аврупоӣ андешед, кори хайр мешавад.

БАРРАСИИ МУШКИЛОТИ МУҲОҶИРАТ

Дар шаҳри Сочи Ҷаласаи нуҳуми Гурӯҳи кории Тоҷикистону Русия баргузор шуд, ки мушкилоти муҳоҷирони тоҷик ва ҷалби онҳо ба кор дар Русия дар он баррасӣ гардид.

Ҷаласа рӯзи 16-уми сентябр, дар доираи Ҳафтаи байналмилалии ҳифзи меҳнат сурат гирифтааст. Гуфта мешавад, ки дар ҷаласаи мазкур масъалаҳои зерин баррасӣ гардидаанд:

- ташкили муоинаи тиббӣ барои шаҳрвандони Тоҷикистон пеш аз сафар ба Русия;

- гузаронидани имтиҳони донистани забони русӣ, таърих ва қонунгузории Русия барои муҳоҷирон дар Тоҷикистон;

- таъсиси пойгоҳи таълимӣ дар Тоҷикистон барои омода кардани муҳоҷирони тоҷик тибқи стандартҳои давлатии таҳсилоти касбии Русия;

- бехтарсозии хидматрасонии намояндагии Хадамоти шиносномадиҳӣ ва раводиди Вазорати корҳои дохилии Русия дар Тоҷикистон.

Ёдовар мешавем, ки пас аз қазияи “Крокус” вазъи будубоши муҳоҷирони тоҷик дар Русия душвор шуда, ин кишвар ҳамарӯза нисбат ба муҳоҷирон маҳдудиятҳои нав ҷорӣ мекунад.

НИЗОМИЁНИ ТОҶИК ДАР ҚИРҒИЗИСТОН

Ҳайати низомиёни Тоҷикистон барои ширкат дар тамринҳои низомӣ таҳти унвони “Ҳудуд-2025” ба Қирғизистон рафтаанд. Тамринҳо бо иштироки низомиёни кишварҳои узви Созмони паймони амнияти дастаҷамъӣ (СПАД) баргузор мешаванд.

Тамринҳои муштарак рӯзи 17-уми сентябр оғоз шуда, то 20-уми сентябр идома мекунанд. Ба иттилои манбаъ, тамринҳо чиҳати омодагӣ ва роҳандозии амалиётҳои ҷангии неруҳои дастаҷамъии зудамали минтақаи Осиёи Марказӣ бо мақсади нест кардани гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, ки ба кишварҳои узви СПАД ворид шудаанд, гузаронида мешаванд.

Бори аввал зан роҳбари Непал

Сушила Каркии 73-сола, раҳбари собиқи Додгоҳи олӣ раиси муваққатии ҳукумати Непал таъйин шуд. Бори аввал дар таърихи ин кишвар зан роҳбари ҳукумат таъйин шуд.



Сушила Карки ба ин курсӣ дар пайи эътирозҳои шадиди тарки мақоми нахуствазирӣ кардани Шарма Олии коммунист нишаст.

Кишвари Непал, воқеъ дар байни Ҳинду Чин ва дар байни кӯҳҳои Ҳимолой, дар як ҳафтаи гузашта бо бесобиқатарин беназмиҳо дар таърихи ин давлат рӯ ба рӯ шудааст. Эътирозҳои мардумӣ, ки баъди манъи шабакаҳои иҷтимоӣ шуруъ шуд, боиси кушта шудани 51 нафар ва ҷароҳати 1300 кас гардид. Мавҷи хушунатҳо танҳо баъди аз қудрат канор рафтани Олӣ хомӯш гардид.

Deutsche Welle

Соати писари раисҷумҳур чанд пул аст?

Одам Қодиров - писари 17-солаи раҳбари Чеченистон Рамазон Қодиров соате дорад, ки 40 миллион рубл нарх дошта, ду баробар бештар назар ба даромади расмии солонаи падараш мебошад.



Акси ноболиғро, ки дар ҳукумати Чеченистон мақоми раиси хадамоти амнияти Рамазон Қодировро ба уҳда дорад, хоҳараш Табарик дар “Инстаграм” нашр кард. Ба соати гаронарзиш дар дасти писари Қодиров нашрияи "Верстка" таваҷҷуҳ кардааст. Хабарнигорон маълум кардаанд, ки соат сохти ширкати амрикоии Jacob & Co ва рақамаш Epic SF24 аст. Соат аз тиллои сафед ва 104 санги алмос сохта шудааст. Дар саросари ҷаҳон 18 дона чунин соат ба фурӯш рафтааст, ки ҳар яки он 497 ҳазор доллар арзиш дорад. Одам аз ин ширкат соати дигаре низ дорад, ки 7 миллион доллар арзиш дорад.

BBC

Аҳмад Масъуд:

ТОҶИКИСТОН ҲЕҶ ГОҲ ҲОМИИ ҶАНГ Ё ХУШУНАТ ДАР АФҒОНИСТОН НАБУД!

Аҳмад Масъуд, роҳбари Ҷабҳаи муқовимати миллии Афғонистон дар як мусоҳибаи ахири худ аз робитаи кунуниаш бо Тоҷикистон тафсир кард ва гуфт, ки “он бар пояи ташкили ҳукумати фарогир ва баромада аз иродаи мардум Афғонистон аст”.



Аҳмад Масъуд, фарзанди Аҳмадшоҳ Масъуд, Қаҳрамони миллии Афғонистон дар мусоҳиба бо хабарнигори телевизиони эронии “Ироф” дар бораи фаъолиятҳои кунунии худ ва Толибон, ноуҳдабароии ин гурӯҳ дар давлатдорӣ, тафовути муқовимати пешин бо кунунӣ сухан кард ва дар баробари ин, андешаҳоро дар бораи тағйири равобит ва нармиши Тоҷикистон дар қиболи Толибон шарҳ дод.

“Тоҷикистон ҳеҷ гоҳе ҳомии ҷанг ё хушунат дар Афғонистон набуду нест. Робитаи Тоҷикистон бо мо ҳимоят аз як ҳаракат барои барқарории як ҳукумати машруъ ва қобили қабул аст. Ва барқарории як сулҳи воқеӣ. Роҳбарони Тоҷикистон бо дарки ин нукта, аз рӯзи аввал ҳарфашон бар эҷоди як гуфтугӯ ва ҳалли мушкилот аз роҳи музокира буд ва имрӯз ҳам ҳамин ҳарф аст. Ин ҳарфи мо ҳам ҳаст”,- гуфт Аҳмад Масъуд.

Ӯ ҳамчунин гуфт, ки “бо Тоҷикистон ва кишварҳои минтақаву дуру наздик робитаи мо ба пояи он аст, ки Афғонистон ба як ҳукумати фарогир ва баромада аз иродаи мардуми Афғонистон ниёз дорад”.

Аммо дар умум, бидуни зикри номи кишваре, Аҳмад Масъуд таомул бо Толибонро интиқод кард ва суол гузошт, ки “кишварҳо бо сиёсати хушнудсозии Толиб давоми 4 сол чӣ гирифтанд? Оё об гирифтанд? Амният ё осоиш гирифтанд?”.

Дар идома, ӯ аз султаталабии Толибон бори дигар интиқод кард ва гуфт, ин гурӯҳ музокира ва гуфтугӯро намепазирад, зеро дар аввалин рӯзҳое, ки қудратро дар Кобул гирифт, эълон кард, ки танҳо итоат аз онҳо ва байъат ба онҳоро қабул дорад.

Дар баробари ин, зикр намуд, ки “борҳо гуфтем ва ҳоло ҳам мегӯем, ки омодаи гуфтугӯ ва музокира дар ҳар ҷое ҳастем. Ин Толиб аст, ки аз музокира ва гуфтугӯ метарсад ва нигарон аст”.



ИСРОИЛ АМАЛИЁТИ ЗАМИНИИ ИШҒОЛИ ҒАЗЗАРО ОҒОЗ КАРД

Артиши Исроил аз шоми душанбе, 15-уми сентябр амалиёти заминии ишғоли шаҳри Ғаззаро шуруъ кард. Радио Свобода бо такя ба Axios менависад, ки дар оғоз низомиёни исроилӣ болои Ғазза ҳамлаҳои ҳавоӣ ба роҳ монда, баъдан танкҳо вориди шаҳр шудаанд. Як мақоми баландпояи артиши Исроил ба ин нашрия гуфтааст, ки низомиёни исроилӣ вориди Ғазза шуданд ва ба зудӣ ба онҳо неруҳои иловагӣ ҳамроҳ мешаванд.

Пеш аз оғози амалиёт артиши Исроил аз фаластиниҳо даъват кардааст, ки шаҳрро тарк карда, ба қисмати ҷанубии “минтақаҳои башарӣ” бикӯчанд. Хабар дода мешавад, ки Ғаззаро 300 ҳазор кас тарк кардаанд. The Jerusalem Post менависад, ки 700 ҳазор кас дар дохил боқӣ мемонанд.

Ҳуҷум чанд соат баъди мулоқоти котиби давлатии ИМА Марко Рубио бо нахуствазири Исроил Бенямин Нетаняҳу ва аъзои баландпояи ҳукумати ӯ шуруъ шуд. Манбаъҳои Axios гуфтаанд, ки Рубио дар ин мулоқот гуфтааст, ки маъмурияти президенти ИМА Доналд Трамп амалиёти заминиро дастгирӣ мекунад, вале мехоҳад, ки он зуд ба анҷом расад.

Исроил баъди ҳамлаи рӯзи 7-уми октябри соли 2023-и Ҳамос дар минтақаи Ғазза амалиёти ҳарбӣ ба роҳ мондааст. Дар он ҳамла 1200 сокини мулкӣ куштаву беш аз 250 нафар гаравгон гирифта ва ба Ғазза бурда шуданд. Исроил гуфт, ки мақсадаш нобуд кардани Ҳамос дар Ғазза мебошад.

Мақомоти Исроил гуфтанд, ки яке аз ҳадафҳои марказии амалиёти ҳарбии Ғазза озод кардани гаравгонҳо мебошад. Бино ба иттилои ахир, то ҳол 50 нафар, аз ҷумла, сарбози соли 2014 кушташуда дар дасти гаравгонгирҳо боқӣ мемонанд. То ҳол танҳо 20 нафар аз гаравгонҳо зинда гуфта мешаванд. Вазорати беҳдошти Ғазза, ки таҳти назари Ҳамос аст, мегӯяд, аз оғози амалҳои низомӣ дар минтақа тахминан 65 ҳазор фаластинӣ кушта шудааст.

АРМАНИСТОН АЗ АРАРАТ ДАСТ КАШИД?

Бо як қарори ҳукумати Арманистон, аз 1-уми ноябри соли ҷорӣ аз муҳри марзбонони ин кишвар дар бораи убури сарҳади давлатии Арманистон нақши кӯҳи Арарат пок карда мешавад.



Ба ҷои он дар рӯи муҳр навиштаҷоти “Арманистон” ба забонҳои англисӣ ва арманӣ, номи гузаргоҳи марзӣ, санаи убури марз ва ҳам рамзи истгоҳи марзии ҳавоӣ, роҳи оҳан ё гузаргоҳи заминӣ ифода мешавад. Кӯҳи Арарат рамзи миллии Арманистон буда, он дар рӯи герб ё нишони миллии ин кишвар кашида шудааст, вале аз ҷиҳати ҷуғрофиёӣ ин кӯҳ дар қаламрави Туркия ҷойгир мебошад.

Ин тағйирот иқдоме дар самти оддисозии муносиботи миёни Ереван ва Анкара дониста мешавад, ки дар пайи саркӯби арманитаборҳо дар Туркияи Усмонӣ дар соли 1915 ва даъвои Арманистон барои эътирофи наслкушӣ ва ҳам низои Арманистону Озарбойҷон барои Қаробоғи кӯҳӣ бад шудааст.

Сарҳади миёни Арманистону Туркия аз соли 1993 баста буда, вале соли 2022 миёни ду кишвар парвози ҳавопаймоҳо аз сар гирифта шуд ва фиристодаҳои вижа дар заминаи тавсеаи ҳамкорӣ музокиротро барпо кардаанд.

НИГАРОНИИ ПРЕЗИДЕНТ

аз вазъи ҷамъоварӣ ва коркарди партовҳои маишӣ дар кишвар



Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Тоҷикистон аз ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва коркарди партовҳои маишӣ дар кишвар нигаронӣ карда, ба ниҳодҳои дахлдор супориш дод, ки корхонаҳои калони коркарди партов бунёд кунанд. Ин нуктаро Саркори кишвар рӯзи 17-уми сентябр дар вохӯрӣ бо кормандони Кумитаи ҳифзи муҳити зист иброз дошт.

"Имрӯз дар мамлакат шумораи коргоҳҳои хурди коркарди партовҳо кам буда, дар онҳо асосан партовҳои пластикӣ, коғаз, равғанҳои истифодашудаи воситаҳои нақлиёт, резину оҳанпора ва монанди инҳо коркард карда мешаванд, лекин иқтидори ин коргоҳҳо барои коркард ва коҳиш додани ҳаҷми ҳама гуна партовҳо ночиз мебошад",- гуфт Президенти кишвар дар ин мулоқот.

Таъкид гардид, ки дар Тоҷикистон соле беш аз 2 миллион тонна партови сахти маишӣ ҷамъ мешавад ва ин партовгоҳҳо масоҳати умумии беш аз 300 гектарро ташкил медиҳанд.

Эмомалӣ Раҳмон ба Кумитаи ҳифзи муҳити зист супориш дод, ки «Стратегияи миллии идоракунии партовҳо барои давраи то соли 2035»-ро таҳия намоянд, то ки ҳадафи аслиаш кам кардани таъсири партовҳо ба муҳити зисти Тоҷикистон бошад.

Мушкили партовҳо дар Тоҷикистон нав нест ва дар бисёр маҳалҳои аҳолинишин то ҳол нуқтаҳои махсусан ҷудошуда барои ташкили партовгоҳи расмӣ вуҷуд надоранд. Фаъолони экологӣ аз ҷорӣ набудани низоми ҷудо кардани навъи партов вобаста ба сифати он - пластик, оҳан ё коғазу ахлоқи маишӣ солҳо боз интиқод мекунанд.



БИНОИ НАВИ КУМИТАИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ

Субҳи 17-уми сентябр Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар кӯчаи Шевченкои ноҳияи Исмоили Сомонӣ бинои нави Кумитаи ҳифзи муҳити зисти Тоҷикистонро мавриди истифода қарор дод.

Гуфта мешавад, ки бинои нави кумита аз 9 ошёна ва таҳхона иборат буда, дар он ҳуҷраҳои корӣ раёсату шуъбаҳо, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дар соҳаи муҳити зист ва дигар ташкилоту муассисаҳои зерсохтори кумита, ки қаблан дар дигар ҷойҳо фаъолият доштаанд, ҷойгир ҳастанд.

РВКД МАЪЛУМОТНОМАИ ДОҒИ СУДӢ МЕДИҲАД

Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ (РВКД) дар Душанбе эълон кард, ки дар ин ниҳод хидматрасонии пешниҳоди маълумотномаи доғи судӣ оғоз ёфтааст.



Ин ниҳод рӯзи 13-уми сентябр гуфт, акнун сокинони пойтахт метавонанд аз рӯзи душанбе то шанбе, аз соати 08:00 то 16:00 барои гирифтани ин санад ба РВКД дар Душанбе мурочиат кунанд.

Қаблан маълумотномаи доғи судиро танҳо аз воҳидҳои маркази иттилоотии ВКД гирифтан имкон дошт.

Дар Тоҷикистон як шарти қабул ба кор пешниҳоди маълумотнома дар бораи доғи судӣ аст. Дар ин санад навишта мешавад, ки фард чиноятӣ кардааст, ё не. Нархи он аз 30 сомонӣ (дар муҳлати 10 рӯзи корӣ додан) то 50 сомонӣ (дар муҳлати 7 рӯзи корӣ додан) аст.

Барои гирифтани маълумотномаи доғи судӣ чунин ҳуҷҷатҳо талаб карда мешаванд:

- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият (шиносномаи миллӣ ё хориҷӣ, билети ҳарбӣ, шаҳодатномаи тағйири ному насаб (ҳангоми мавҷуд будан) ва шаҳодатномаи таваллуд (барои ноболиғон);

- маълумотнома дар бораи гузаштан аз қайди давлатии дактилоскопӣ (ба истиснои ноболиғон ва шахсоне, ки таҳти васоят ва парасторӣ қарор доранд);

- пешниҳоди расиди пардохти хидматрасонӣ.

«GREEN CARD» ПУЛАКӢ МЕШАВАД

Пур кардани «Корти сабз» ё «Green Card»-и Амрико пулакӣ мешавад.

Дар ин бора Вазорати корҳои хориҷии ИМА иттилоъ додааст. Ба гуфтаи манбаъ, сар аз моҳи октябр барои сабти ном дар қуръакашии "Green Card" бояд 1 доллар пардохт кард. То кунун сабти ном барои ширкат дар қуръакашии "Корти сабз"-и Амрико ройгон буд.



Ба қавли манбаъ, ин маблағ "барои пӯшонидани харочоти нигоҳдорӣ ва санҷишҳои амниятии система" кумак карда, боиси коҳиш ёфтани дархостҳои қалбакӣ мешавад.

Ин иқдом ба буҷаи Амрико ҳамасола тақрибан 25 миллион доллар даромад меорад.

Дар ҳамин ҳол, маблағи баррасии парвандаи раводиди барандагони "Корти сабз" 330 доллар боқӣ мондааст.

Аз 16-уми сентябр парвозҳои мустақим миёни шаҳрҳои Душанбе ва Сиани Чин оғоз шуд. Парвозҳо дар ин масир ҳафтае ду маротиба - рӯзҳои сешанбе ва ҷумъа анҷом хоҳанд шуд. Парвозҳо тариқи ҳавопаймоҳои ширкати чинӣ сурат мегиранд. Чиптаҳои парвозро метавон аз намояндагии ширкати "Oriental Sky Aviation", ки коргоҳаш дар маркази тиҷоратии "Бохтар" қарор дорад, харидорӣ кард.

***

Дилшод Саидзода раиси Федератсияи кӯҳнавардии варзишӣ ва шахпаймоии Тоҷикистон интихоб гардидааст. Дар ин бора Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши кишвар иттилоъ дода, гуфтааст, ки ӯ рӯзи 12-уми сентябр дар маҷлиси умумии ғайринавбатии интихоботии ин федератсия аз ҷониби аъзо якдилона раис интихоб гардид. Дилшод Саидзода муовини вазири молияи Тоҷикистон аст.

***

Субҳи 13-уми сентябр дар қисме аз бинои Театри миллии Тоҷикистон, ки ҳоло сохтмони он ҷараён дорад, сӯхтор сар зад. Мақомот мегӯянд, ки оташсӯзӣ дар анбори нигоҳдории масолеҳи сохтмонии ин бино рух дода, гунаҳкор ва зарари расида муайян мешавад. Аз Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии ВКД хабар медиҳанд, ки сӯхтор соати 10:20 сар зада, кормандони оташнишонӣ онро дар муддати 1 соату 20 дақиқа хомӯш кардаанд.

***


Тоҷикистон амалиёти оперативӣ-профилактикии "Кӯкнор" мегузаронад. "Дар доираи он муайян, ошкор ва нобуд сохтани растаниҳои нашъадори худрӯй, ғайриқонунӣ дар ҳудуди Тоҷикистон киштшуда, бастани роҳҳои воридшавии маводи нашъовар ба ҷумҳурӣ ва интиқоли минбаъдаи онҳо ба хориҷи кишвар дар назар аст",- муайян шудааст дар нақшаи мубориза бо маводи мухаддир барои солҳои 2026-2030.

***

Рӯзҳои 30-юми сентябр ва 1-уми октябр дар Душанбе конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ оид ба рушди иқтисоди миллӣ баргузор мешавад. "Дар чорабинӣ ҳадафҳои стратегии рушди иқтисодӣ ва ҷанбаҳои инноватсионии рушди тиҷорат баррасӣ мешавад",- иттилоъ дод Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон.

ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХЎРД

(Идома аз шумораҳои гузашта)







Ин нутқ, ки як ҷо бо Муродуллоҳ Шерализода таҳия шуда буд, на танҳо нутқи роҳбари чумҳурӣ буд, он эъломияе буд дар бораи эҳтироми давлат ба забони миллат.

Шаҳрро овоза фаро гирифт:

- «Котиб тоҷикӣ гап зад!».

- «Ба тоҷикӣ! Бе тарҷума!».

Шерализода он шаб ором хобид. Медонист, ки ӯ муаллими оддӣ не, муаллими як марҳилаи таърих аст. Марҳилае, ки забони инъикоси рӯҳи миллат дубора дар минбарҳои баланд садо дод.

Ҳар каломи ӯ акнун вазн дошт, ҳар андешааш реша. Луқмаҳое, ки ӯ ба даҳони Қаҳҳор Маҳкамов мегузошт, бо гузашти вақт вазн ва эътибор пайдо мекарданд.

Тадриҷан дарсҳои забон ба суҳбатҳои самимиву ҷиддӣ табдил меёфтанд. Муродуллоҳ дар дарсҳо решаҳои забони тоҷикиро бо ҳаводиси замон мепайваст, забонро на танҳо меомӯзонд, балки зинда мекард. Қаҳҳор Маҳкамов, ки бо тамоми масъулияти роҳбарӣ вазни ҳар каломро ҳис мекард, ба Муродуллоҳ на ҳамчун омӯзгор, балки ҳамчун ҳамфикр менигарист.

ЯК ТАСМИМИ ТАЪРИХӢ

Дарс мисли дигар рӯзҳо оғоз шуд, аммо зуд равиши дигар гирифт. Забони тоҷикӣ воситаи ниҳон, вале қавии расидан ба ҳадафҳои нав буд. Муродуллоҳ бо ҳар ҷумла ва ҳар мисол масъалаҳои амиқтарро пеш меовард: манфиатҳои миллӣ, ҷойгоҳи забон дар бархӯрди тамаддунҳо...

Қаҳҳор Маҳкамов бо таваҷҷуҳи хоса муаллимашро гӯш мекард.

Муродуллоҳ пайти мувофиқ ёфт, то масъалаеро ба миён гузорад, ки боиси нигаронии ҷомеаи Тоҷикистон гашта буд:

- Фикр мекунам замоне расидааст, ки Тоҷикистон қонуни алоҳида дар бораи забони давлатӣ қабул кунад. Забон бояд на танҳо воситаи гуфтугӯ, балки пояи худшиносӣ бошад.

Маҳкамов сар набардошт. Ҳарфе нагуфт. Вале хомӯшиаш бетафовутӣ набуд, хомӯшии андеша буд. Ин гуфтугӯи кӯтоҳ дар зеҳни ӯ ҷо гирифт.

Муродуллоҳ бо сабки ором ва далелҳои муътамад дар асл тухми як тасмими бузургро кошт.

Соли 1989 баргҳои умед дубора сабз шуданд, дарахтони ба хушкшавӣ гароида дубора реша давониданд. Он рӯзҳо рӯзҳои бедории миллат буданд. Бедории тасодуфӣ не, натиҷаи даҳсолаҳои хомӯшӣ, фишор ва рӯҳияи худшиносӣ буд.

Раванди “бозсозӣ”, ки Михаил Горбачёв эълон карда буд, барои чумҳуриҳои Шуравӣ на танҳо як иқдоми ислоҳотӣ, балки имкони худшиносӣ ва бозгашт ба асли худ буд. Тоҷикистон низ, ки солҳо бо сахтӣ ва хомӯшӣ забону асолати хешро муҳофизат мекард, ин бор имкон ёфт ба садо ояд.

Ҳанӯз то митинги таърихии 24-уми феврали соли 1989, ки нахустин гирдиҳамоии сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ барои ҳимояти забони модарӣ шуд, Муродуллоҳ заминаро фароҳам оварда буд. Вай бо фаҳмиш ва дарки амиқи забон тавонист Маҳкамовро мутмаин созад, ки қонуни забон на танҳо рамзи ҳувият, балки омили устувории давлат аст.

Пас аз сӣ сол, профессор Иброҳим Усмонов ин марҳиларо чунин ёдоварӣ мекунад: «Қаҳҳор Маҳкамов тарафдори қабули Қонуни забони тоҷикӣ буданд ва дар ин чиз нақши барҷастаро Муродуллоҳ Шерализода бозиданд. Шерализода шахси донишманд, ором ва созишгар буданд, аз ҳама муҳим, эшон Маҳкамовро бовар кунонида тавонистанд, ки дастгирии Қонуни забон ба фоидаи он кас ва кишвар аст».

Пас аз чанд рӯз, дар оғози як дарси навбатӣ, Маҳкамов коғазеро рӯи мизи Муродуллоҳ гузошт. Он фармон буд: таъйини Муродуллоҳ Шерализода ба вазифаи ёрдамчии Котиби якуми Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон.

- Ташаккур барои эътимодатон,- гуфт ӯ.

Маҳкамов бо табассуми нарм, аммо оҳанги ҷиддӣ илова кард:

- Аз ҳамин рӯз, шумо масъулед, ки маводҳои барои қабули Қонуни забон асосноктро ҷамъоварӣ кунед.

Муродуллоҳ чизе нагуфт. Вале ҳама чиз дар нигоҳи ӯ хонда мешуд. Ӯ дигар муаллим набуд. Ӯ дигар корманди оддии як шуъба набуд. Ӯ акнун шахсе буд, ки дар қабули қарорҳои ҷиддӣ, сиёсати давлатдорӣ таъсиргузор аст.

Акнун ӯ на танҳо иштирокчӣ, балки аз тарроҳони асосӣ дар роҳи қабули Қонуни забони тоҷикӣ буд, роҳе, ки чанд моҳ баъд дар майдони марказӣ мардуми ҳамназарро гирд оварда ва 22-юми июли соли 1989 ба тасдиқи санади расмӣ мусоидат кард.

Ин оғози як марҳилаи нав буд, на танҳо барои ӯ, балки барои худи забон. Забоне, ки солҳо пушти парда монда буд, акнун бо қабули қонун қадам ба рӯйи саҳна мегузошт.

ФУРСАТЕ БАРОИ ТАЪРИХ

Маскав дигар маркази тасмимҳои қатъӣ набуд. Фишори идеологӣ сусттар мешуд. Шуроҳои Олии чумҳуриҳо фаъолтар мегаштанд. Ин заминаҳо ба раҳбарони сатҳи аввали чумҳурӣ дарак доданд, ки дигар давлати пуриқтидори СССР ҳамеша такягоҳи маънавию сиёсӣ нахоҳад монд. Мардум аз сиёсати нав бештар эҳтиром ба арзишҳои миллиро интизор доштанд. Ва ин арзишҳо - забон, таърих, фарҳанг таҳкурсии ҳама гуна сиёсати солим буданд.

Дар чунин фазо Қаҳҳор Маҳкамов, котиби аввали КМ ПК Тоҷикистон, бо вучуди ҳамаи маҳдудиятҳои марказ, бо ҳисси масъулияти миллӣ ба зарурати эҳёи забони тоҷикӣ таваҷҷуҳ зоҳир кард. Вай медонист, ки идораи як ҷомеаи зеҳнӣ ва бедор бидуни пос доштани забон ва рамзҳои миллӣ имконнопазир аст.

ҚОНУНИ ЗАБОН

22-юми июли соли 1989 аз ҷониби Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон Қонуни забони давлатӣ тасдиқ гардид, ки он на танҳо як санади ҳуқуқӣ, балки як лаҳзаи бедории миллӣ буд. Қонуни забон оинаи миллат шуд, ки дар он тоҷик худро дид: бо забонаш, бо таърихи мардонаи суханаш, бо орзуҳои деринаш.

Раиси Ҳизби коммунисти Тоҷикистон Шодӣ Шабдолов дар хотироти худ менависад: “Муродуллоҳ Шерализода дар таҳия ва ба Шурои Олии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи Қонуни Конститутсионии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Тоҷикистон» саҳми мустақим дошт, ки ин ҳам дар он замон як шуҷоат дар ҳифзи забони давлатии тоҷикӣ буд”.

Миллат дигар на танҳо дар ашъори устодон ва хотироти гузашта, балки дар сатрҳои қонун, дар суханрониҳои расмӣ, дар мукотибаҳои давлатӣ, коргузорӣ ва ҳар китоби дарсӣ низ ҳузур дошт. Забон дигар рамзи ҳувият не, худи ҳувият гашта буд.

Қабули Қонуни забон оғози марҳилаи нав барои мардуми тоҷик дар анҷоми асри бист буд. Он аз талоши сиёсӣ ба эҳёе расид. Эҳёи худшиносӣ, эҳёи ифтихор, эҳёи миллат.

ҚАДАМИ СИЁСИЮ ФАРҲАНГӢ ДАР РОҲИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

22-юми июли соли 1989 Шурои Олии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон Қонуни аввалин «Дар бораи забони давлатӣ»-ро қабул кард. Ин қонун забони тоҷикиро ба таври расмӣ забони давлатӣ эълон намуд - як рӯйдоди таърихие, ки пайомадҳояш аз доираи забон берун рафт ва ба як рамзи эҳёи миллию сиёсӣ табдил ёфт.

Қонуни мазкур замоне қабул шуд, ки Иттиҳоди Шуравӣ ба марҳилаи ислоҳоти “бозсозӣ” ворид шуда буд. Дар Тоҷикистон низ рӯҳияи эҳёи миллӣ афзоиш ёфта буд. Ин дар талошҳои зиёде барои эҳтироми фарҳанг, таърих ва хусусан забон - ҳамчун пояи ҳастии миллӣ ифода меёфт.

Қонуни забон танҳо як санади ҳуқуқӣ набуд, балки рамзи худшиносӣ ва истиқлол, эътирофи мақоми расмии забони тоҷикӣ дар сохторҳои давлатӣ, замина барои рушди маориф, фарҳанг ва илм бо забони модарӣ буд.

Қабули ин қонун осон набуд. Дар паси парда баҳсҳои шадид, муқовимати ниҳодҳои марказӣ ва нигаронии ҷомеаи русзабон ҷой дошт. Ин ташаббус ҷасорат ва дурбинии сиёсатмадорони тоҷик, аз ҷумла Қаҳҳор Маҳкамов ва мушовирони ӯро талаб мекард, ки дар таҳияи қонун нақши муҳим бозиданд.

АЗ ЁДДОШТИ ҚАҲҲОР МАҲКАМОВ:

Шиносоии ман бо Муродуллоҳ замоне сурат гирифт, ки Котиби якуми Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон будам. Дар чумҳуриҳои Иттифоқи Советӣ дар заминаи бозсозии горбачёвӣ як таҳаввулот, чунбише ба миён омада буд. Дар заминаи ҳамин чунбиш масъалаи омӯзиши амиқи забони тоҷикӣ ба миён омад. Ман ҳамагӣ се синф ба тоҷикӣ хонда будам ва тасмим гирифтам, ки ин забонро дақиқ омӯзам. Ба ин хотир зарурати доштани як ёрдамчие ба миён омад, ки забони тоҷикиро хуб донад. Номзадҳо зиёд буданд. Аз ҷумла, Муродуллоҳро пешниҳод намуданд. Гуфтанд, ки номзади илм аст, китобҳои бадеӣ ва илмиро ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст, дар Афғонистон низ ба сифати тарҷумон фаъолият дошт.

Ӯро барои суҳбат даъват намуданд. Ба назарам бисёр боадаб, хушзабон ва донишманд намуд. Забони русиро ҳам хуб медонист. Ба наздаш як шарт гузоштам: дар кадом ҳолате, ки набошад, мо бояд танҳо ба забони тоҷикӣ гап занем. Ӯ ба сифати ёрдамчӣ ба кор шуруъ кард. Ин ба назарам, соли 1987 буд.

Интихоби мо ғалат набаромад. Ӯ ба забони тоҷикӣ чунон гап мезад, ки кас ҳаловат мебурд. Кордону донишманд ва сиёсатмадори хубе буд. Чанд соле, ки мо якҷоя кор кардем, ин шахс дар дафтари хотироти ман ҳамчун як инсони поквичдон, серғайрат, бошараф боқӣ мондааст.

Як лаҳзаи соли 1992, баъди ба истеъфо рафтанам ҳеҷ аз хотирам намеравад. Дар ширкате ба сифати ёрдамчии раис кор мекардам. 16-уми апрел, рӯзи таваллудам буд. Якбора ба наздам Муродуллоҳ даромада омад ва маро бо рӯзи мавлудам табрик гуфт. Дар ҳамон сол ман ба синни 60 расида будам, аммо ба хотири ҳеҷ касе ин сана нарасида буд. Муродуллоҳ ягона касе буд, ки ин сана дар хотираш мондааст.

Инсони бисёр қадрдон ва масъулиятшинос буд. Мавқеъ дошт. То рӯзи марг дар мавқеи давлат содиқ боқӣ монд. Оппозитсияро бад медид ва билохира ҳамин оппозитсия ин касро кушт...

Афсӯс, ки як одами наздики ман аз дунё рафт...

(Давом дорад)

Шариф Ҳамдампур

ИҶТИМОИЁТ

ДАР ДУШАНБЕ АРЗИШИ ОБИ НӮШОКӢ БОЛО РАФТ

Аз 1-уми сентябри соли 2025 дар шаҳри Душанбе нархномаи нави хизматрасониҳои таъминоти оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов ба таври расмӣ мавриди амал қарор гирифт. Тибқи қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 13-уми августи соли 2025, дар Корхонаи воҳиди давлатии «Обу корези Душанбе» тарифҳои хизматрасонӣ барои ҳамаи гурӯҳҳои истифодабарандагон тағдиди назар гардиданд.



ЧАРО НАРХ БОЛО РАФТ?

Мақомоти шаҳр ҳадафи аслии ин тағйиротро баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, кам кардани талафоти об ва гузариш ба низоми муосири идоракунии об таъкид мекунанд.

Дар асоси маълумоти Корхонаи «Душанбеводоканал», акнун сокинони шаҳри Душанбе, ки бо ҳисобкунакҳои обӣ таъминанд, барои 1 метри кубии оби нӯшокӣ 2 сомонию 60 дирам пардохт мекунанд. Ин дар ҳолест, ки соли 2024 нархи об барои ҳамин миқдор 2 сомонию 26 дирамро ташкил медод.

Барои ташкилотҳои буҷетӣ нархи 1 метри кубии об ба 3 сомонию 59 дирам ва барои ташкилотҳои тиҷоратӣ ба 9 сомонию 10 дирам баробар шудааст.

ҲИСОБКУНАК НАДОРАНД...

Сокиноне, ки дар манзилҳои худ ҳисобкунаки обӣ насб накардаанд, тибқи ҳисобҳои муқарраршуда пардохт мекунанд. Ҳақи моҳона барои 1 нафар дар биноҳои баландошёна 28 сомонию 07 дирам, ҳавлиҳо бо об аз чӯйбори наздиҳавлигӣ 7 сомонию 41 дирам муқаррар шудааст. Пардохт бо ин тариб барои муштариёне татбиқ мешавад, ки ҳанӯз ҳисобкунак насб накардаанд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи ҳисобу назорат ва кам кардани талафоти об, дар баъзе минтақаҳои пойтахт лоиҳаи пилотии насби ҳисобкунакҳои ҳушманди ултрасадоӣ роҳандозӣ шудааст. Дар марҳилаи аввал насби 311 ҳисобкунак бо андозаҳои гуногун пешбинӣ гардидааст. Ин ҳисобкунакҳо имкон медиҳанд, ки маълумот ба таври худкор ба маркази назорат ирсол ва сабт гардад.

Масъулини КВД «Обу корези Душанбе» таъкид мекунанд, ки аз соли 2018 то инҷониб ба нархномаи об тағйирот ворид нашудааст. Тағйирот дар соли равон бо мақсади рушди инфрасохтор, беҳтар кардани сифати оби нӯшокӣ ва таъмини хизматрасонии беҳдоштӣ ба роҳ монда шудааст.

БОНКДОРӢ

ХИЗМАТРАСОНИИ РОЙГОН БАРОИ НАФАҚАГИРОН

Бо мақсади таҳкими ҳамкорӣ ва рушди хизматрасониҳои молиявии муосир, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Тоҷикистон ва Корхонаи воҳиди давлатии “Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон - Амонатбонк” шартномаи нав ба имзо расониданд.



Шартномаи мазкур, ки бо номи «Дар бораи аз нав ба расмият даровардани хизматрасониҳо ва ҳисоббаробаркуниҳои суратҳисоби бонкӣ бо пули миллӣ» номгузорӣ шудааст, 15-уми сентябр аз ҷониби директори Агентӣ Абдураҳмон Ҳалимзод ва раиси Амонатбонк Алиҷон Салимзода ба имзо расид. Ин иқдом дар заминаи татбиқи сиёсати рақамикунонии хизматрасониҳо ва баланд бардоштани саводнокии молиявии нафақагирон роҳандозӣ гардида, як қатор имкониятҳои нав ва шароити қулайро барои онҳо фароҳам меорад.

Аз ҷумла, нафақагирон метавонанд аз хизматрасониҳои зерин бештар ва бо шароити ройгон истифода баранд:

- пайвасти ройгони кортҳои бонкӣ ба SMS-паёмак барои огоҳӣ аз амалиётҳои молиявӣ ва қабули маблағҳо;

- истифодаи барномаи «Амонатмобайл» барои пардохту назорати маблағҳо аз масофа;

- хизматрасонӣ дар POS-терминалҳо (дорухонаҳо, марказҳои савдо, муассисаҳои давлатӣ ва ғайра) бидуни пардохти комиссия;

- пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ ва давлатӣ (андозҳо, телефони мобилӣ, таваққуфгоҳ, интернет ва зиёда аз 200 намуди дигар) тариқи мобайл ё терминалҳо;

- дастрасӣ ба гирифтани маблағҳои нақдӣ аз банкоматҳо ва POS-терминалҳои низоми “Корти миллӣ”;

- қарзҳои истеъмолӣ ва овердрафтӣ бо шартҳои имтиёзнок барои нафақагирон;

- гирифтани маблағ аз дохил ва хориҷи кишвар ба суратҳисоби корт;

- пардохт бо QR-рамз - усули муосири пардохти ғайринақдӣ.

САНОАТ

КОРХОНАИ СУРМА ДАР ПАНҶАКЕНТ

Дар шаҳри Панҷакент корхонаи истеҳсоли сурма бунёд меёбад.

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Канзи диёр», ки ба бунёди инфрасохтори корхонаи ояндаи саноати кӯҳӣ машғул аст, бо мақсади бунёди корхонаи истеҳсоли сурма аз деҳаи Оби борик то мавзеи Эҷам ба масофаи 14 километр роҳ кушодааст.

Дар мавзеи Валанги дароз аз ҷониби мутахассисони ватанӣ ва шарикони рушд бозбинии захираҳои маъдани сурма, ки солҳои пеш геологҳо кашф карда буданд, идома дорад. Сохтмони ду шаҳрак барои кормандони муҳандисӣ-техникӣ ва коргарони коргоҳи оянда, ки дорои 300 ҷой мебошад, бо истифода аз масолеҳи ҳозиразамони бинокорӣ идома дошта, дар онҳо барои будубош шароит муҳайё карда мешавад.

Усмон РАҲИМЗОДА

МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

ПЕШГИРӢ АЗ ХАРОҶОТИ НОЛОЗИМ

Қонунҳои бозор, рақобат дар иқтисод ва тағйироти зуд дар муносибатҳои молиявӣ талаб мекунанд, ки ҳар як шахс новобаста аз синну сол дорои дониш ва фаҳмиши идоракунии молия бошад. Мутаассифона, ҳоло дар бештари мактабҳо ба фарзандон асосҳои молияро намеомӯзанд. Бинобар ин, масъулияти муҳими омӯзиши молиявӣ бештар ба дӯши волидон ва муҳити оила меафтад.

ПУЛ ВОСИТА АСТ, НА ҲАДАФ!

Ба андешаи шахсиятҳои маъруфи ҷаҳон дар самти молия, фаҳмиши дурусти молия бояд аз кӯдакӣ омӯзонида шавад. Агар фарзандон аз аввал фаҳманд, ки пул танҳо як воситаи даст ёфтан ба ҳадафҳост, на худи ҳадаф, онҳо дар оянда шахсияти муваффақ ва соҳибмасъулият мешаванд. Аксари вақт кӯдак ё наврас бе ҳеҷ заҳмат аз волидон маблағ мегирад, ба қадри он намерасад. Вақте ки онҳо бо заҳмат маблағ ба даст меоранд ё мефаҳманд, ки чӣ гуна пул кор карда мешавад, дарк мекунанд, ки пул худ аз худ намеояд.

РАҲОЙ АЗ МУШКИЛОТИ МОЛИЯВӢ

Фарзандоне, ки асосҳои сохтани буҷа, пасандоз ва идора кардани хароҷотро меомӯзанд, дар оянда ба қарзҳои беасос, исрофкорӣ ва дигар мушкилоти молиявӣ гирифтор намешаванд. Бенҷамин Франклин (Benjamin Franklin), сиёсатмадор, нависанда, ихтироъкор, олим ва дипломати амрикоӣ гуфтааст, ки "сармоягузорӣ ба дониш беҳтарин фоида меорад". Дониши молиявӣ метавонад дар фарзандон хоҳиши соҳибкории мустақилро бедор кунад. Кӯдаке, ки мефаҳмад чӣ гуна пул кор мекунад, метавонад идеяи тиҷоратӣ дошта бошад ва мустақилона роҳ ёбад.

Ворен Баффет, яке аз сарватмандтарин ва машҳуртарин шахсиятҳои ҷаҳон низ гуфтааст: "Беҳтарин коре, ки кардам, омӯзонидани муносибати дуруст бо пул ба фарзандонам аз овони кӯдакӣ буд". Худи Баффет фаъолияти сармоягузориро аз синни ҷавонӣ оғоз кардааст. Ӯ дар синни 11-солагӣ саҳмия харидааст.

ҲИФЗ ВА РУШДИ МЕРОСИ ОИЛА

Бисёре аз волидон бо меҳнату заҳмати зиёд сарват, амвол ва кареаи хуро месозанд. Аммо агар фарзандон барои нигоҳдории ин дороиҳо омода набошанд, ҳамааш дар як лаҳза барбод меравад. Соҳибкор ва сармоягузори маъруфи амрикоӣ Роберт Киосакӣ гуфтааст, ки "фарқ байни сарватманд ва камбағал дар тарзи омӯзонидани фарзандон дар бораи пул аст".

Волидайни муваффақ мехоҳанд, ки фарзандон кори онҳоро давом диҳанд. Новобаста аз он ки тиҷорати шахсӣ ё зиндагии босадату бидуни мушкили молиявӣ доранд. Аммо барои ин, фарзанд бояд аз чиҳати иқтисодӣ ва равонӣ омода бошад. Омӯзиши молиявӣ фарзандро ба шахси мустақил, банақшагир ва қодир ба раҳоӣ аз ҳама гуна мушкил табдил медиҳад. Бинобар ин, идора кардани молия як қисми муҳими ҳаёт ва тарбия аст. Касе, ки пулро мефаҳмад, одатан зиндагиро низ хубтар мефаҳмад. Агар мо мехоҳем, ки фарзандонамон шахсиятҳои мустақил, муваффақ ва масъули ҷомеа бошанд, пас омӯзиши молиявӣ бояд аз синни барвақт оғоз ёбад. Мо набояд фарзандони тайёрхӯр тарбия кунем. Онҳо бояд созанда бошанд, на муфтхӯру барбодгари мероси оила!

ШОИРИ ХАЛҚИИ ТОҶИКИСТОН, БАРАНДАИ ҶОИЗАИ ДАВЛАТИИ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РЎДАКӢ, МУАЛЛИФИ СУРУДИ МИЛЛӢ, УСТОД ГУЛНАЗАР АГАР ЗИНДА МЕБУД, 20-УМИ СЕНТЯБРИ СОЛИ РАВОН МАВЛУДИ 80-СОЛАГИАШРО ДАР ҲАЛҚАИ ДЎСТОНУ ИХЛОСМАНДОН ТАҶЛИЛ МЕКАРД, ВАЛЕ АФСЎС, КИ СОЛИ 2022 БАР АСАРИ ГИРИФТОРӢ БА БЕМОРИИ ҲАМАГИРИ COVID-19 ШОИРИ БАРҶАСТА АЗ ОЛАМ ДАРГУЗАШТ.



ТАБЪИ ҒАЗАЛПАЙМО

Ба муносибати 80-солагии устод Гулназар

Ба муносибати 80-солагии устод Гулназар бо талоши шоир ва донишманди шинохта, доктори илми филология, профессор, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғ. Ғафуров" Нуралӣ Нурзод "Девон"-и устод Гулназар ба чоп расид. Китоби мазкур дар 464 саҳифа аз ҷониби нашриёти "Хуросон"-и шаҳри Хуҷанд ба зевари табъ оросте гардида, фарогири ғазалиёт ва рубоиёти шоир мебошад. Ҳамчунин, мураттиб Нуралӣ Нурзод ба он 46 саҳифа сарсухани пурмуҳтаво навиштааст, ки инъикосгари рӯзгору осори шоир мебошад.

Аз ҷумла профессор Нуралӣ Нурзод менависад: "Агар ба тамоюлҳои эҷодии устод Гулназар таваҷҷуҳ намоем, дар адабиёти муосири тоҷик камтар шоиреро метавон пайдо кард, ки маҳорати ҳунарии хешро дар иншои тамоми навъҳои суннатӣ ва нави шеър, намунаҳои назму насри адабиёти атфол, нақди адабӣ, драматургия, филмноманависӣ, публитсистика ва рӯзноманигорӣ, тарҷумаи намунаҳои адабиёти ҷаҳон озмудааст".

Воқеан, устод Гулназар аз он адибони пуркоре буд, ки маҳорати хешро дар ҳамаи анвоъи адабӣ санҷида, асарҳои мондагор ба мерос мондааст. Дар сарсухани "Девон" Нуралӣ Нурзод эҷодиёти устод Гулназарро аз рӯйи навъ тасниф кардааст.

ШЕЪР. Аз устод Гулназар беш аз 40 китоб нашр шудааст, ки аксари он маҷмӯаи шеър мебошад. Аз ҷумла: "Расми сарбозӣ", "Ағба", "Дастархон", "Нардбон", "Лангар", "Шуълаи барқади сӯзони малоҳат", "Пайи дарё", "Чашми нигин", "Фариштаи бомдод", "Фасли оғоз", "Тулуъи бедорӣ", "Хирман", "Ойинаи ташна", "Туву хубиву раъноӣ", "Шоиру шеъре агар ҳаст", "Оғӯши саршор", "Табхола", "Қадаҳи шабнам", "Дар чодари сафеди маҳтобӣ" (дар ду ҷилд), "Лолаҳо дар ёлаҳо", "Ҳар мисраи шеър, Тоҷикистони ман аст", "Девори сабз", "Тахти Рустам" (бо хати форсӣ), "Забони ошиқӣ" (бо хати форсӣ), "Шакарнам", "Фасли оғоз", "Дарёи кӯча", "Оғӯши саршор", "Хуҷаста" ва ғайра.

"Устод Гулназар,- менависад Нуралӣ Нурзод дар сарсухани "Девон",- дар таҳаввули шеъри муосири тоҷик, бавежа қолибҳои ашъори суннатӣ ва нав, шуруъ аз фард, то рубоиву дубайтӣ, ғазал, чаҳорпора, маснавӣ, баллада, достон, шеъри нимоӣ, сапеду хусравониву ҳойку, модерну себаргаҳо ва амсоли ин тачрибаҳои ҳунарии муваффақона анҷом додааст".

НАСР. Аввалин ҳикояи устод Гулназар таҳти унвони "Боздиди охирин" соли 1971 нашр шудааст. Баъдан шоир то вопасин лаҳзаҳои умр ба таълифи ҳикоя идома дода, ду маҷмӯа - "Таъми тути балхӣ" ва "Гули афшони олуча" нашр кардааст. Устод Гулназар ҳамчунин маҳорати хешро дар таълифи филмнома ва намоишнома ҳам озмуда, дар ин ҷода муваффақ ҳам гардидааст.

НАҚДИ АДАБӢ ВА АДАБИЁТШИНОСӢ. Устод Гулланзар аз замони фаъолияташ дар вазифаи мудири шуъбаи нақд ва адабиётшиносии маҷаллаи "Садои Шарқ" ба баррасии масоили мубрами адабиёти гузашта ва муосири тоҷик пардохта, доир ба масъалаҳои муҳими нақди шеър, адабиётшиносӣ, равобити адабиёт мақолаҳо таълиф кардааст. Китобҳои "Лоиқе чун Лоиқе", "Қутбии Қутби сухан", "Растохези сухан" намунаҳои бехтарини осори устод Гулназар дар нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ мебошанд. Ҳамчунин, устод Гулназар доир ба рӯзгору осори адибони ҳамнасли хеш, аз ҷумла Аминҷон Шукуҳӣ, Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Сайдалӣ Маъмур, Баҳром Фирӯз ва дигарон низ мақолоте арзишманд, мехрномаву ёдномаҳо таълиф намудааст.

АДАБИЁТИ КӮДАК. Устод Гулназар ҳамчун адиби кӯдакон низ шинохта шудааст ва маҷмӯаҳои шеъри "Аз барои Гулизор", "Девори сабз", "Дарёи кӯча", "Борони бесаранҷом", "Се кулчаи танӯрӣ", "Ман", "Бо гулҳои Ватан", "Гунҷишки наққош", "Модари ман мураббӣ", "Гулҳо ҳусни заминанд" ва маҷмӯаи ҳикояҳои "Калоба", "Заррофа чӣ мегӯяд?" аз беҳтарин намунаи назму насри адабиёти муосири тоҷик эътироф шудааст. Ҳамчунин, адиб бозгӯии ҳикоёти манзуми "Маснавии маънавӣ"-и Ҷалолуддини Балхӣ, "Бӯстон"-и Саъдии Шерозӣ дар забони насри фасеҳ барои бачагон аст, ки бо шеваи ҷазобу ҷолиб иншо гардидаанд.

ТАРҶУМА. Дар канори эҷоди ашъори ноб устод Гулназар дар тарҷумаи осори адибони ҷаҳон ба забони тоҷикӣ низ саҳми бузург дорад. Ӯ эҷодиёти Крилов В., А. Балтакис, Н. Филлопова, Н. Вершинина, С. Қудош, Т. Тағанова, М. Ю. Лермонтов, Е. Евтушенко, Э. Межелайтис, Р. Казакова, М. Светлов, Т. Г. Шевченко, М. Светаева, Н. Гумилёв, Н. Думбадзе, Н. Тихонов, Е. Винокуров, Р. Рождественский ва Ф. Алиева ва дигаронро тарҷума кардааст.

РЎЗНОМАНИГОРӢ ВА ПУБЛИТСИСТИКА. Устод Гулназар фаъолияти худро ҳамчун рӯзноманигор дар нашрияи "Комсомоли Тоҷикистон" оғоз намуда, бо иншои мақолот, ёддошту сафаргуфтаҳо чун чеҳраи мунаввари мактаби журналистикаи тоҷик эътироф шудааст. Ба ҳайси сардабири ҳафтаномаи "Адабиёт ва санъат", нашрияи "Ваҳдат" ва маҷаллаи "Пайванд" дар рушди журналистикаи тоҷик саҳм гузоштааст.

Тавре ишора шуд, бахши бештари эҷодиёти устод Гулназарро шеър ташкил медиҳад ва эшон пеш аз ҳама ҳамчун шоир эътироф шуда, миёни мардум маҳбубият пайда кардааст. Шоире, ки дар шеъраш орзуву ормонҳои халқаш инъикос шудааст. Далели ин матни Суруди миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол аст.

Устод Гулназар назар ба дигар анвоъи шеър ва дар муқоиса ба дигар шуарои ғазалсарои ҳамзамонаш камтар ғазал эҷод кардааст. Бо вуҷуди ин мегӯяд:

Табъи ғазалпаймои ман
бо шеъри озодам насохт,
Эй инқилоби хушҳо, ҳайфо,
ки аз ман нестӣ.

Тавре мураттиби девони шоир профессор Нуралӣ Нурзод ҳисоб кардааст, шоир ҳудуди 250 ғазал сурудааст, "аммо тозакориҳои зиёде дар ин навъи суннати шеъри ӯ ба мушоҳида мерасад". Ва дар идома мураттиби девон ғазалиёти шоирро муфассал ба риштаи таҳқиқ кашида, доир ба нафосату салосат, узубату ширинӣ, пуршӯриву шӯрофаринӣ, ширинву гуворӣ, табаҳҳур аз забон ва фарҳанги мардум, корбурди наввожаҳо, навгонӣ дар тарҳи сохтории ғазал, таҳаввулот дар сабки сухан, дарунмояи ғазал, аносири фасоҳатбахши калом, шеваҳои баён, корбурди воситаҳои ҳунарсоз, тачрибаҳо дар шаклу шева, шакли нимоии ғазал ва дигар паҳлуҳои ғазалиёти устод Гуланзар суҳбат мекунад.

Нуралӣ Нурзод дар мавриди рубоиву дубайтиҳои устод Гулназар, ки дар бахши дуюми "Девон" фароҳам омадааст, менависад: "Шумораи кулли рубоиёт ва дубайтиҳои устод Гулназар бештар аз 1500 адад аст, ки ин санад номи ӯро чун яке аз рубоисароёни муваффақ дар адабиёти муосири тоҷик муаррифӣ мекунад. Ба сурати китобҳои ҷудогона интишор ёфтани маҷмуи рубоиёт ва дубайтиҳои шоир низ метавонад далели равшани саҳми арзишманди шоир дар рушди ин ду навъи суннатии шеъри тоҷикӣ бошад".

Дар таҳияи "Девон"-и шоир Нуралӣ Нурзод аз шеваи марсуми танзиму тадвини девон дар гузашта бар пояи ашъори ғиноии дорои қофияву радифи хос кор гирифта-аст. Илова бар ин мураттиб аз нусхае истифода кардааст, ки шоир қаблан барои таҳияи китобаш "Сад барги ғазал" омода кардааст ва боқии ғазалҳоро аз китобҳои дигари шоир гирдоварӣ намудааст.

Нашри "Девон"-и Шоири халқии Тоҷикистон устод Гулназар дар арафаи мавлуди 80-солагии шоир падидаи фараҳбахш аст. Вале ин набояд поёни кор бошад. Беҳуда профессор Нуралӣ Нурзод дар сарсухани девон ва муаллифи ин сатрҳо дар ин нигошта ба серпаҳлу ва гуногуннавъ будани осори шоир ишора накардем, зеро нашри "Куллиёт"-и шоир вазифаи таъхирнопазири аҳли таҳқиқ ва масъулин мебошад. Умедворам, ҷашни шоир ва нашри "Девон" барои дар фурсати кӯтоҳ анҷом додани ин кори муҳим такон хоҳад шуд.

Одил НОЗИР

ЧОЙХОНАИ ТУРСУНЗОДА

Чӣ тавр шоир Ҳавзи Моронро наҷот дод?



ЧОЙХОНАДОРӢ ВА ЧОЙХОНАНИШИНӢ ЯКЕ АЗ СУННАТҲОИ ҚАДИМИИ МИЛЛАТИ ТОҶИК АСТ, КИ МУТААССИФОНА СОЛҲОИ ОХИР АЗ БАЙН МЕРАВАД. ҲАФТАНОМАИ "ТОҶИКИСТОН" КОРИ САВОБЕ КАРД, КИ ИН МАВЗУРО ҲАФТАИ ГУЗАШТА БА МИЁН ГУЗОШТ.



Пас аз мутолиаи мақолаи Эркин Камолзода "Масҷид ҳаст чойхона не. Чаро?" ("Тоҷикистон", №37, аз 10.09.2025) ба ёди чойхонаи маъруфи зодгоҳам ва ниҳолҳои ҷавонтаре шинонид. Шояд роҳбарони шаҳр ба чойхона намеоянд ва чунин намуд гирифтанашро намедонанд, вагарна чорае меандешиданд...

- Чойхонаи лаби Ҳавзи Морони шаҳри Истаравшан афтодам. Чун дар мақолаи зикршуда аз суннати чойхонадории ин шаҳри қадимӣ тавсиф шудааст. Кӯдакиҳои банда дар гузари Масҷиди Сафеди Истаравшан канори чашма ва ин чойхонаи таърихӣ гузаштааст. Солҳост, ки банда дар пойтахти Тоҷикистон зиндагӣ мекунам, вале ҳар сол вақте ба зодгоҳ меравам, ба ин чойхона сар мезанам. Ҳоло афсӯс, чойхона вазъи хароб дорад. Гап-гап ҳаст, ки тахриб мешавад...

Солҳои 70-ум ҳам чунин тасмим буд, вале маҳз бо кӯшиши устод Мирзо Турсунзода он эҳё шуд. Соли 1976 (ин ишора дар болори чойхона сабт шудааст) чойхона бозсозӣ шуд.


Чанд сол пеш хотираҳои шоири маъруф Убайд Раҷабро аз сафараш бо устод Мирзо Турсунзода ба вилояти Суғд, аз ҷумла шаҳри Истаравшан хонда будам. Устод дар ин сафар меҳмони дӯстошон адиб ва рӯзноманигор Разиюлло Абдуллозода мешаванд ва вақте ба Чойхонаи лаби Ҳавзи Морон меоянд, малӯл гардида, қарор медиҳанд, ки ба ҳукуматдорон мурочиат кунанд. Хотироти Убайд Раҷабро аз китоби "Зинда ба ишқ", ки ба устод Мирзо Турсунзода бахшида шудааст, манзури шумо мекунам:

"Дар чойхона одам бисёр буд. Аммо на ҳавз ва на чойхона ҳусни дилхоҳе надошт. Катҳо ба шикастан моил буданд, кӯрпаву гилемҳо кӯҳна, хонаҳо сип-сиёҳ. Вассаро аз болор ва сақфро аз девор ба осонӣ фарқ намекардед. Сияҳбедҳои кӯҳнаю шохшикаставу танпӯсидаи гирди ҳавз намуди ҳузноваре доштанд. Чизи дилкаш ва рӯҳбахши ин мавзеъ ҳамон як ҷӯйи обе буд, ки аз ҳавз берун меомад ва сӯи поён мерафт.

Устод, ки борҳо ба ин шаҳр омадаанд ва ин ҷойро дар ободиаш дидаанд, хеле малӯл шуданд. Аз таърихи ин маҳал, аз қадамгоҳи одамони маъруф будани ин ҷо сухан гуфтанд ва изҳори таассуф карданд, ки ба чунин ҳол афтодааст. Месазад, ки дар ин ҷо чойхонаи мунаққашу зебои ҳозиразамон бунёд шавад. Метавон атрофи ҳавзро бо мармар оро дод

... Разиюлло Абдуллозода чой дароз карду хабар дод, ки дар боғе аз канораи шаҳр ҷои нишаст тахт кардаанд ва агар малоли хотир нашаванд, ба он ҷо қадам ранҷа кунанд, гӯшае нисбатан хушҳавост. Устод розӣ шуданд, лекин гуфтанд, ки аввал ба назди шаҳрдор меравем ва арзи матлаб мекунем, пасон ба боғ.

Ба Кумитаи ҳизби шаҳр рафтем. Котиби якуми Кумитаи ҳизби шаҳр Мирзоқосим Рустамов дар ҳуҷраи кории васеъаш гилемпӯши худ менишаст. Бархоста чанд қадам пеш омад. Аз дидани дидори устод шод будани худро бо сухан изҳор кард. Гилагузор шуд, ки нодида ба Зафаробод рафтаанд. Устод узр хостанд ва гуфтанд, ки вақт тангӣ кард, зафарободиҳо мунтазир буданд.





Паси мизи дароз нишастему риштаи суҳбат ба сари ободии шаҳри Истаравшан расид. Устод фурсатро мувофиқ дониста, аз Чойхонаи лаби Ҳавзи Морон гап кушоданд.

- Медонам,- гуфт Мирзоқосим Рустамов,- медонем, ин мавзеъ мувофиқи нақшаи генералии сохтмони шаҳр тамоман тағйир меёбад. Чойхонаро мебардорем, дар байни шаҳр мондааст. Монеи амалӣ шудани нақшаи генералии сохтмони шаҳр шудааст. Чойхонаро дар ҷои дигар месозем.

- Яъне тамоман аз ин ҷо мебарем?,- луқма доданд устод.

- Бале, тамоман. Бинобар ин чанд сол аст, ки таъмир накардаанд.

- Кори хуб намешавад, домулло.

- Ба нақшаи генералии сохтмони шаҳр мувофиқ наомад,- такрор кард Рустамов.

- Дуруст аст, ки ба нақшаи генералӣ рост наомад, аммо вайрон кардани чунин як ҷои таърихӣ ба ақли солим ва мантиқ мувофиқ намеояд,- гуфтанд сахттар устод, ки дар суханони эшон оҳанги изтироб эҳсос мешуд.- Домулло, шумо медонед, ки ин ҷо барои шаҳр ва мардуми Истаравшан чӣ қимат дорад. Чашмаи лаби Ҳавзи Морон як андоза қадамҷост. Бисёр одамони бузург дар гузаштаи дуру наздик аз обаш нӯшида ва аз ҳавояш нафас кашидаанд. Ҳеҷ набошад, ба ҳисоб бояд гирифт, ки ин ҷо, лаби Ҳавзи Морон Фанову Олӣ,

АЗ ИДОРА:
Як манбаъ аз шаҳри Истаравшан ба "Тоҷикистон" гуфт, ки феълан корҳои сохтмонӣ дар Чойхонаи лаби Ҳавзи Морон оғоз шудааст ва он бозсозӣ хоҳад шуд.

Назмию Ҷавҳарӣ, Ҷурмию Зиёӣ, Суҳайлию Азизӣ ва Ноилу Лутфӣ барин одамонро дидааст, онҳо дар ин ҷо дам гирифтаанд ва истироҳат кардаанд. Ин касон фарзандони барӯманди ин шаҳранд, бояд ҳурмати хотираи онҳоро дошт ва ин ҳавзу ин чойхонаро обод кард ва барои наслҳои оянда ба ёдгор гузошт.

- Гапатон дуруст, аммо ба нақшаи генералии сохтмони шаҳр мувофиқ наомад,- такрор кард Рустамов.

- Магар нақшаи сохтмонро одам тартиб намедиҳад?,- эътирозомез суол карданд устод.

Ба рӯи устод нигаристам, сурх шуда, гумон мекардӣ, ки як даста алав аст. Устод тез-тез чой нӯшиданд, пешониашон аз арақ нам баст.

- Нақша тасдиқ шудааст, тағйир додан муҳол аст,- ҷавоб гуфт ин бор котиби якуми ҳизб.

- Албатта, шумо бехтар медонед шароити кор ва ин ҷоро. Лекин, ба назарам, ба чашми меҳр ва илтифот ва дилсӯзӣ ба ҳалли ин масъала нигаристан мувофиқи матлаб аст,- ранҷидахотирона гуфтанд устод.- Ҳавзи Морон ҷои таърихист, вайрон не, обод карданаш беҳ будагист.

Устод дигар давом додани суҳбатро бефоида дониста, ба ман рӯ оварданд:

- Муллоубайд, ба роҳпӯ роҳ азиз аст, ба Сайфулло гӯед, ки ҳозир шавад, роҳ пеш гирем ва ба манзили дилхоҳ расем.

Фикри дар шаҳри Истаравшан дар ҳалқаи дӯстон шаберо ба сар бурдан дигар аз ёд рафта буд.

Разиюлло Абдуллозода аз чунин ранг гирифтани вазъ дар ҳайрат афтод ва як дарача худро гум кард.

- Домуллои азиз, рафиқ Имомназари Худоназар телефон карданд, «Домулло то омадани ман ба чое нараванд» гуфтанд, худи ҳозир расида меоянд,- гуфт бо мулоимати Мирзоқосим Рустамов, ҳам дар Истаравшан меҳмон шудани устодро хост.

- Аз шумо ва Имомназари Худоназар беҳад узр мехоҳам. Ин ҷо каме баландӣ кард, тобам гурехт. Дил мехоҳад, ки бо шумо бимонам, аммо сиҳатӣ намедиҳад, ҳарчи тезтар худро ба ягон пастӣ бояд гирем,- гуфтанд устод ва нуқта ба суҳбат гузоштанд.

Мо ба роҳи Душанбе баромадем. Разиюлло Абдуллозода устодро то ағбаи Шаҳристон гуселонидан шуд. Тамоми роҳ ба худ мепечид ва афсӯс мехӯрд ва сабаби тағйир ёфтани қарордоди устодро донистан мехост. Пай бурда буд, ки устод ранҷидаанд. Аммо аз кӣ ранҷиданашонро дуруст дарк намекард. Вақте ба доманаи ағба расидему барои хайрухуш кардан Разиюлло Абдуллозода боз аз хусуси ранҷидани устод лаб ба гап бурд, номаълум фаҳмонидам, ки сабаби асосии ранҷиши устод чавобҳои густохонаю зуьми ноҷои котиби якуми ҳизбӣ дар боби ба нақшаи генералии сохтмони шаҳр мувофиқат накардани Чойхонаи лаби Ҳавзи Морон аст.

Разиюлло Абдуллозода нафас рост кард ва як бори дигар сахт афсӯс хӯрд. Устод бо гуселкунандагон хайрбод гуфтанд. Мошини Сайфулло мисли он ки лаҳзае нафас рост карда бошад, чобук ба роҳи ағба даромад.

***

Баъди чанд муддат, вақте ки сабаби дар шаҳри Истаравшан як шаб меҳмон нашудани устод равшан шуд ва забон ба забон гашт ва ба гӯши сарони шаҳр, аз ҷумла ба гӯши Мирзоқосим Рустамов расид, ӯ низ хатои худро дарк кард ва пайи таъмири чойхонаву Ҳавзи Морон камар баст, ба нақшаи сохтмони шаҳр эътибор надод ва ин мавзеъро аз нав сохт, тавре, ки ақл маҳви ҳайрат шавад.

Хабари обод шудани Ҳавзи Морон ва чойхонаи лаби он вақте ба гӯши устод расид, ки дар бемористон побастаи бистари беморӣ буданд ва охирин рӯзҳои умри азизро ба сар мебурданд.

Абдуллозода ба аёдати устод омад ва хабаре ба устод расонид ва хоҳиши пирамардони шаҳрро, ки ба чойхона аз рӯи эҳтиром номи устодро доданӣ ва «Чойхонаи Турсунзода» номиданӣ шудаанд. Устод ободии чойхона ва Ҳавзи Моронро шунида, рӯҳ гирифтанд ва аз илтифоти мӯйсафедони қадрдон миннатпазир шуданд, вале гуфтанд, ки фикри онҳо ин бор қобили кабул буда наметавонад. Табиат ба ин мавзеъ номи шинаме додааст, ки тағйири он ҳаргиз нашояд...".

Баҳром МИРЗОЕВ,
собиқадори меҳнат

ТӮЙҲОИ ПУРДАБДАБА:
АНЪАНА Ё РАҚОБАТ?

Дар Тоҷикистон тӯйҳо аксаран бо харочоти бузург маълуманд. Ба ҳисоби миёна, як тӯй барои 150 меҳмон метавонад аз 100000 то 200000 сомонӣ ва ё бештар аз он арзиш дошта бошад. Ин маблағҳо барои чизҳое, ба мисли либосҳои арӯс (аз 3000 то 5000 сомонӣ барои як либос), ҳалқаҳои тиллоӣ (аз 1500 то 5000 сомонӣ), ташкили толор (аз 7000 сомонӣ), хӯрок барои меҳмонҳо ва кортежи мошинҳо (ҳадди ақал 4 мошин), сароянда, баранда, карнаю сурнай ва ғайра сарф мешаванд.

Илова бар ин, оилаи арӯс одатан маҷбур аст, ки барои садҳо меҳмон туҳфаҳои гаронбаҳо, ба мисли асбобҳои рӯзгор (мошинҳои шустушӯй, телевизор, яхдон) харидорӣ намояд.

Ин харочот баъзан аз даромади солонаи оила зиёдтар аст. Масалан, даромади миёнаи як сокини Тоҷикистон дар як моҳ тақрибан 1500-2000 сомониро ташкил медиҳад. Барои бисёр оилаҳо омодагӣ ба тӯй маънои қарз гирифтан аз бонкҳо ё хешовандонро дорад, ки метавонад то 15-20 сол тӯл кашад. Ин вазъ на танҳо ба молияи оила, балки ба саломатии равонӣ ва муносибатҳои оилавӣ низ таъсири манфӣ мерасонад.

Чаро чунин мешавад? Як сабаби асосӣ - рақобати иҷтимоӣ. Дар ҷомеаи мо тӯйҳо ба як воситаи нишон додани «обрӯ» ва «дасти пур» табдил ёфтаанд. Оилаҳо кӯшиш мекунанд, ки аз ҳамсояҳо, хешовандон ё дӯстон «кам наоянд», ки ин боиси афзоиши харочот мегардад. Масалан, агар як хешованд тӯйи пурдабдаба бо 200 меҳмон баргузор кунад, оилаи дигар худро маҷбур ҳис мекунад, ки тӯйи боз ҳам бошукӯҳтар ташкил намояд. Ин давраи бемаънӣ боиси афзоиши қарзҳо ва фишори иҷтимоӣ мегардад.

ОҚИБАТҲОИ ИСРОФКОРӢ

1. Қарз ва фақр: Бисёр оилаҳо барои баргузории тӯй қарз мегиранд, ки пардохташ солҳо тӯл мекашад. Ин метавонад боиси фақр ва мушкилоти молиявӣ гардад. Масалан, як оила метавонад барои як тӯйи якрӯза 70000-100000 сомонӣ қарз гирад, ки ин барои як оилаи миёна дар Тоҷикистон маблағи бузург аст.

2. Фишори равонӣ: Омодагӣ ба тӯйҳо боиси стресс ва низоъҳои оилавӣ мегардад. Оилаи арӯс ва домод аксар вақт дар бораи харочот ва ташкили маросим баҳс мекунанд, ки метавонад ба муносибатҳои онҳо зарар расонад.

3. Талафи вақт: Тӯйҳои тоҷикӣ аксар вақт то як ҳафта давом мекунанд, ки ин на танҳо пул, балки вақти зиёдро талаб мекунад. Ин вақт метавонист барои корҳои муфидтар, ба мисли таҳсил ё рушди касбӣ сарф шавад.

Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ҳамраъйии мардуми шарифи Тоҷикистон 8-уми июни соли 2007 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул гардид. Соли 2017 ба қонуни мазкур тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Ҳукумати Тоҷикистон дар солҳои охир барои коҳиш додани исрофкорӣ дар тӯйҳо чораҳо андешидааст. Мақсад аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҷилавгирӣ аз харочоти зиёдатӣ, зоҳирпарастӣ ва исрофкорӣ ҳангоми баргузор намудани анъана ва ҷашну маросим, паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ҷомеа, беҳтар намудани шароити зиндагии аҳолӣ, пешгирии воридшавии унсурҳои бегона ва ғайримиллӣ ба анъана ва ҷашну маросим дар Тоҷикистон, аз байн бурдани хурофот ва амсоли инҳо ба ҳисоб меравад. Пас аз таҳлили ҳисоботи расмӣ, маводи илмӣ-таҳқиқотии дастрас ва мушоҳидаҳо хулоса баровардан мумкин аст, ки қабули ин санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ натиҷаҳои мусбат додааст. Ботадриҷ расму оинҳои нолозиму хурофотпарастонаи зараровар аз байн мераванд, маблағҳои зиёд ба манфиати мардум сарфа мегарданд, харҷи мардум барои баргузор намудани анъана ва ҷашну маросим то дараҷае коҳиш меёбад. Аз соли 2023 қонун дар бораи танзими маросимҳо қабул шуд, ки тибқи он:

- Шумораи меҳмонҳо дар тӯй ба 150 нафар маҳдуд аст.

- Кортежи мошинҳо наметавонад аз 4 мошин зиёд бошад.

- Давомнокии тӯй набояд аз 2 рӯз зиёд бошад.

- Барои вайрон кардани ин қоидаҳо ҷарима муқаррар шудааст.

Ин қонунҳо барои он қабул шуданд, ки оилаҳоро аз қарзҳои вазнин ва фишори иҷтимоӣ наҷот диҳанд. Аммо, бо вуҷуди ин, бисёр оилаҳо ҳанӯз ҳам кӯшиш мекунанд, ки аз ин қоидаҳо сарпечӣ кунанд, то «обрӯ»-и худро нигоҳ доранд. Ин нишон медиҳад, ки тағйири анъанаҳо на танҳо ба қонунҳо, балки ба тағйири фикр ва фарҳанги ҷомеа низ вобаста аст.

Барои коҳиш додани ифроткорӣ дар тӯйҳо, мо бояд ҳамчун ҷомеа, оила ва фард якҷоя кор кунем. Дар ин ҷо зикр намудани чанд пешниҳодро бамаврид мешуморам:

1. Тағйири фарҳангӣ: Бояд дар ҷомеа таблиғ кунем, ки тӯйи оддӣ низ метавонад зебо ва пур аз шодӣ бошад. Масалан, метавонем тӯйҳоро дар хона ё дар толорҳои оддӣ бо шумораи ками меҳмонҳо баргузор кунем.

2. Омӯзиши молиявӣ: Оилаҳо бояд дар бораи идораи молияи худ бештар омӯзанд, то аз қарзҳои нолозим худдорӣ кунанд.

3. Нақши ҷавонон: Ҷавонон метавонанд пешқадам шаванд ва тӯйҳои оддиро интихоб кунанд, ки ба онҳо имкон медиҳад пулро барои ояндаи худ, ба мисли таҳсил, манзил, хонаи истиқоматии шахсии худ сарф кунанд.

Тӯй дар фарҳанги тоҷик бояд як ҷашни шодӣ ва пайвастани дилҳо бошад, на бори гарони молиявӣ. Исрофкорӣ дар тӯйҳо на танҳо ба иқтисоди оилаҳо зарар мерасонад, балки ба арзишҳои маънавии мо низ таъсири манфӣ мерасонад. Барои тағйир додани ин вазъ, мо бояд аз худамон оғоз кунем - аз қабули қарорҳои оқилона ва дастгирии якдигар дар роҳи тӯйҳои оддӣ ва пур аз муҳаббат. Биёед, анъанаҳои худро бо замон мутобиқ созем ва дар бораи ояндаи бехтари фарзандонамон фикр кунем.

Далер РАҲИМОВ,
корманди илмии Муассисаи давлатии “Осорхонаи ҷумҳурявии таърихию кишваршиносии ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии шаҳри Панҷакент”





АНОРИ «КАРИМӢ»

Натиҷаи тақрибаи 50-солаи кишоварзи 90-сола

Каримҷон Бутаев анорпарвари 90-сола аз ноҳияи Ҷайҳун аст. Ӯ давоми 50 соли кишоварзӣ навъҳои гуногуни анорро парвариш карда, ихтироъгари як навъи анор аст, ки миёни кишоварзон ҳамчун анори “Каримӣ” шуҳрат пайдо кардааст.

Таври маълум, анорпарварӣ яке аз соҳаҳои зарурии бахши кишоварзии кишварамон ба шумор рафта, меваи анор маводи ғизоӣ, табобатӣ ва фароғатӣ ба шумор меравад. Аз ин ҷост, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста баҳри зиёд намудани анорзор ва истеҳсоли он талош меварзад. Ҳоло майдони анорзорҳои ҷумҳурӣ ба бештар аз 2700 га расонида шудааст ва истеҳсоли он зиёда аз 18 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад.

Мо - олимони Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон чанде пеш ба вилояти Хатлон сафар доштем. Дар ҷамоати деҳоти Истиқлоли деҳаи Лоҳутии ноҳияи Ҷайҳун бо яке аз анорпарварони тачрибанок, мӯйсафеди беш аз 90-сола Бутаев Каримҷон дар боғи бунёдкардаи анорзораш вохӯрӣ доштем. Анорпарвари тачрибанок доир ба таърихи фаъолиятҳояш дар муддати беш аз 50 соли анорпарвариаш ба мо нақлҳои ҷолиб кард. Вай дар ин муддати тӯлонӣ ҳамчун селексионери мардумӣ як намунаи маҳаллии анорро ба даст овардааст, ки мардум онро «Каримӣ» ном бурда, ҳар сол ҳазорҳо ниҳолҳояшро гирифта, боғҳои нави анорро ташкил менамоянд. Ин марди асил ва меҳнатдӯст бо ҳамроҳии фарзандонаш майдони 2 га боғи анорзорро парвариш менамоянд ва ҳар сол ҳосили беш аз 20-25 т/га ба даст меоранд.

Анорпарвари асил Бутаев К. дарахти анор ва парвариши онро хело дӯст медорад. Аз ин ҷост, ки тачрибаи бойи анорпарвариро дорад ва ҳар сол аз ин кораш даромади хубро соҳиб мегардад. Меваҳои парваришнамудаи ӯ дар чандин намоишгоҳҳои байналмилалӣ сазовори туҳфаҳо гардидаанд. Меваҳои ин намунаи анори ба даст овардаи пирамарди анордӯст, селексионери мардумӣ хело калон будаву ранги баланди гулобӣ ва таъми ширин дошта, хело сершира мебошанд. Писари вай Бутаев Комилҷон ин касби падарашро нағз аз худ намуда, ҳоло бештар аз 15 ҳазор дона қаламчаи ин намунаи нави анори падарашро зиёд намуда истодааст. Вай аз рӯи масали тоҷикии «Мероси падар хоҳӣ, касби падар омӯз» амал карда, кори анорпарварии падарашро имрӯзҳо хело моҳирона пеш мебарад.

Нақшаи шинондани бутаҳои анор дар анорбоғи онҳо - 3х3 метр ва 3,5х2,5 метр мебошад, ки дар як га миқдори дарахтон мутаносибан ба бештар аз 1100 ниҳолро ташкил медиҳад. Тавассути сари вақт гузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ ҳашароту касалиҳои анор дар боғот хело кам ба назар мерасанд.

Мӯйсафеди нуронӣ ба мо нақл намуд, ки соли 1964 аз ноҳияи Ванҷ ба водии зарҳези Вахш кӯч бастааст ва то кунун дар деҳаи Лоҳутӣ бо фарзандону наберагонаш шукри ободии Ватан карда, хушу хурсандона умр ба сар мебаранд ва ба парвариши анор банд аст. Аз ин вохӯрӣ мо хулоса бардоштем, ки ин намунаи нодири анорро, ки муйсафеди меҳнатқарин Бутаев Каримҷон ба даст овардааст, боз ҳам мукаммалтар омӯхта, кушиш ба харҷ додан зарур аст, ки он ба Феҳрасти навъу намунаҳои зироатҳои кишоварзӣ ворид гардида, дар корҳои селексионӣ истифода бурда шавад.

Бояд ёдовар шуд, ки сарзамини Тоҷикистон, чун кишвари биҳиштосо аз чунин намунаҳои нодири растаниҳои эндемикии ботаникӣ, табобатӣ ва кишоварзӣ хело бой буда, месазад, ки онҳоро олимон ҳаматарафа омӯхта, дар таъмини амнияти озуқаворию кишварамон васеъ истифода намоянд.

Қурбоналӣ ПАРТОЕВ,
доктори илмҳои кишоварзӣ

КАМОЛИ МАСЪУЛИЯТШИНОСӢ



Таъмиру таҷдид аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб шуда, муносибат ба он хоса аст. Масъулиятшиносии кормандони филиали Ширкат дар робита ба ин масъала хеле баланд буда, баробари ба вуҷуд омадани вайроншавии кӯчактарин дар роҳи Душанбе - Чаноқ бетаъхир чораандешӣ мешавад.

Лозим ба ёдоварист, ки бо фаро расидан мавсими гармо таъмири ҷорӣ ва куллии роҳ шуруъ шуда, ба ин марҳила омодагии кормандони IRS бениҳоят ҷиддӣ буд. Дар мавсими имсола доираи фаъолият хеле васеъ гардида, тибқи нақша дар 3 минтақа - Варзоб, Зарафшон ва Суғд масрафи зиёда аз 30 ҳазор тонна асфалт дар назар буд. Дар ин замина бояд зиёда аз 100 км роҳ таъмири ҷорӣ ва 32,65 км таъмири куллӣ мегардид. Чун ҳарвақта ин навбат низ масъулини IRS ба ваъдаи худ вафо карда, нақшаи пешбинишуда барзиёд иҷро гардид. Чунин умури фаъолиятро мухтасар камоли масъулиятшиносӣ метавон арзёбӣ кард.

Тавре масъулини IRS гуфтанд, дар минтақаи Варзоб зиёда аз 2 ҳазор тонна асфалт харҷ шуда, зиёда аз 3,2 км роҳ таъмири куллӣ шуд. Илова бар ин, дар минтақаи мазкур бо сарфи 572,03 тонна асфалт 4807 метри мураббаъ роҳ таъмири ҷорӣ гардид. Ҳамчунин, дар минтақаи Зарафшон 14,35 км роҳ таъмири куллӣ ва 6280 метри мураббаъ роҳ таъмири ҷорӣ шуда, бо ин мақсад зиёда аз 10 ҳазор тонна асфалт масраф гардид. Дар минтақаи Суғд низ кор тибқи талаботи мавҷуда роҳандозӣ шуда, бо харҷи қариб 18 ҳазор тонна асфалт 15,1 км роҳ таъмири куллӣ ва 16000 метри мураббаъ роҳ таъмири ҷорӣ шуд.

Ашхоси огоҳ хуб медонанд, ки таъмири куллӣ аз лиҳози моҳият ва хароҷот аз бунёди роҳ кам нест. Сарфи назар аз ин, роҳбарияти филиали Ширкат дар ин самт собитқадам мебошанд, ки далели бебаҳси масъулиятшиносӣ ва муносибати дуюмдараҷа надоштан ба иҷрои вазифаҳои тибқи шартномаи консесионӣ ба зиммааш вогузоршуда маҳсуб мешавад.

Шоистаи зикр аст, ки ин таъмиру таҷдиди роҳи Душанбе - Чаноқ соли 2012 оғоз гардида, ҳамон вақт 2000 тонна асфалт харҷ шуда буд. Минбаъд ин нишондиҳанда тамоюли афзоишро касб карда, соли 2013 ба 6000 тонна, 2014 - 10000 тонна, 2015 - 15000 тонна, 2016 - 13575 тонна, 2017 - 51551 тонна, 2018 - 30864 тонна, 2019 - 49862 тонна, 2020 - 29377 тонна, 2021 - 55366 тонна, 2022 - 39916 тонна, 2023 - 25079 тонна ва соли 2024 ба 18408 тонна асфалт расид. Муҳимтар аз ҳама, барои таъмири роҳ мутахассисони ҳирфаӣ ва техникаву механизмҳои замонавӣ ҷалб шуда, 10 корхонаи истеҳсоли масолеҳи барои нигоҳдории роҳ пешбинигардидаи марбут ба филиали Ширкат дар тавсеаи ин раванд саҳми бориз доранд.

Далели бебаҳс аст, ки аҳамияти роҳи автомобилгард барои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва тиҷоратии мамлакат бениҳоят бузург аст. Танҳо ҳангоми мавҷуд будани низоми муосири нигоҳдории инфрасохтори роҳҳои автомобилгард, ҳар кишвари дунё имкон пайдо мекунад дар тамоми бахшҳо ба дастовардҳои назаррас ноил гардад. Нигоҳдории босамари роҳҳои мошингард дар баробари бунёди онҳо ҷанбаи муҳим ба шумор меравад. Ин ҳақиқатро дар аксари давлатҳо аллакай эътироф кардаанд. Институтҳои молиявии бонуфузи ҷаҳонӣ, аз қабили Бонки умумиҷаҳонӣ, Бонки осиёии рушд, Созмони Милали Муттаҳид зимни пешбурди фаъолияташон ба нигоҳдории инфрасохтори роҳ аҳамияти хоса зоҳир мекунанд. Пажӯҳиши агентии «SANTRAL» собит намуд, ки пас аз се соли таъмиру барқарорсозии роҳи автомобилгард барои нигоҳ надоштани он дар сатҳи зарурӣ 5 маротиба бештар маблағ лозим меояд, баъд аз 5 сол бошад, барои таъмири он 18 маротиба зиёдтар маблағ зарур аст. Аз ин лиҳоз, корҳои амалишуда далели бебаҳси онанд, ки дар тамоми ҳолат кормандони филиали Ширкат уҳдадориҳои дар асоси шартномаи консессионӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаашон вогузоршударо дар сатҳи хуб ва сифати баланд ба ҷой оварданд.

Эътироф бояд кард, ки пештар роҳи мавриди назар душворгузар маҳсуб мешуд. Мардум азобҳои дар роҳҳои пурпечутобу хатарноки Душанбе-Айнӣ-Панҷакент, Душанбе-Айнӣ-Хуҷанд, махсусан ағбаи Анзоб кашидаашонро ҳеҷ вақт фаромӯш намекунанд. Мусофирону ронандагон ҳафтаҳо дар Майхӯра ё мавзеи «Ветерок»-и ноҳияи Айнӣ шабҳоро рӯз мекарданд. Аз сабаби зиёд будани теъдоди мусофирон ҳама тавассути тайёра ба шаҳри Хуҷанд рафта наметавонистанд. Ба шаҳри Панҷакенту ноҳияи Айнӣ дар фасли зимистон аз Душанбе ва Хуҷанд рафтуомад имконнопазир гардида, танҳо ба воситаи шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон имкони ба водии Зарафшон рафтан мавҷуд буд.

Аз ҷониби дигар, вазъи ногувори роҳ боиси он мегардид, ки ронандагон харочоти зиёдатӣ намоянд. Бинобар ҳолати ногувори роҳ мошинҳо, сарфи назар аз сабукрав ва ё боркаш будан, зуд-зуд вайрон шуда, боиси нороҳатӣ ва харочоти зиёдатӣ мегардиданд. Дар кишвар роҳе вуҷуд надорад, ки мисли роҳи Душанбе-Чаноқ иншооти зиёд дошта бошад. Дидани роҳ, пулҳои бузург, долонҳои зиддитармавӣ ҳатман касро водор месозад, ки биандешад. Биандешад ва мутмаин гардад, ки роҳсозӣ низ яке аз соҳаҳои санъат мебошад.

Ин роҳ бо ҳамаи иншооташ бисёр зебо аст ва ин зебоӣ аз бинанда дил мебарад. Бо ин роҳу иншооти бузургаш метавон ифтихор кард. Кӯҳҳои бузургу бас баландро шикофтанду роҳ сохтанд. Дар мавзеи Майхӯра нақби «Дӯстӣ» арзи ҳастӣ кард. Дарозтарин нақби кишвар - нақби "Шаҳристон" мавриди истифода қарор гирифт. Дар болои дарёи Сир, дар шаҳри Хуҷанд пули бузургу замонавӣ сохта шуд.

Пули ноҳияи Айнӣ низ бо санъати баландаш моро водор менамояд, ки иқтидори инсонро бори дигар эътироф созем. Дар ин мавриди гузашта низ пеши назар меояд. Роҳҳои харобу ранҷҳои беҳисоб, шукр, ки пушти сар шуданд. Кунун одамон ба дидори ҳамдигар бе мушкилӣ мерасанд.

Ин ҳамаро, албатта, бояд шукр гуфт. Ва эътироф бояд намуд, ки ин дастовардҳо ба шарофати Истиқлол моро насиб гардид. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ояндаро пештару бештару беҳтар аз мо мебинанд, меъмори ин шоҳкорӣ мебошанд. Ҳаргиз фаромӯш набояд кард, ки солҳое, ки мо дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ будем, ин орзуи деринаи сокинони сарзамини бостонии мо ҷомаи амал напӯшида буд.

Дар маҷмуъ, мо - тоҷику тоҷикистониён ифтихорманд бояд бошем, ки Пешвои миллати мо бунёдгузори роҳҳои зебои байналмилалие мебошанд, ки барои ояндаи неки ҷаҳону замон ва башар хизмат хоҳанд намуд.

Бобоҷони НЕЪМАТУЛЛО



ДАРГУЗАШТИ АБДУЛҚОДИРИ РАҲИМ

Баъди нисфирӯзии 12-уми сентябр пас аз бемории кӯтоҳмуддат дар беморхонаи “1-ум Советский”-и шаҳри Душанбе қалби рӯзноманигор ва адиби маъруф Абдулқодири Раҳим дар синни 64-солагӣ аз тапидан бозмонд.

Абдулқодири Раҳим 17-уми январи соли 1961 дар деҳаи Кафтархонаи ноҳияи Восеъи вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Соли 1979 Омӯзишгоҳи маданӣ-маърифатии ҷумҳуриявӣ (ҳоло Коллеҷи ҷумҳуриявии фарҳанг)-и ноҳияи Рӯдакӣ, соли 1984 Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм кардааст. Баъди хатми донишгоҳ муддате дар Телевизиони Тоҷикистон ва баъдтар дар мактаби №29-и ноҳияи Комсомолобод (ҳозира Нуробод) фаъолият бурда, корро дар рӯзномаи «Мубориз»-и ноҳияи Восеъ ва маҷаллаи «Фарҳанг» идома додааст. Аз соли 1993 корманди рӯзномаи «Ҷумҳурият» буд.

Китобҳояш бо номи «Дурӯғи шабнам» (1993), «Чароғи ошноӣ» (1997), «Ҷилваи як нола» (1998), «Нусхаи парешонӣ» (2000), «Рӯшноӣ» (2003), «Фиреби меҳр» (2003), «Хилвати оина» (2005), «Духтари афсонаҳо» (2006), «Пайванди марзҳо ва дилҳо» (2011), «Домони абр» (2014), «Ашки сари мижгон» (2014), «Назари лутф» (2014), “Дигар дурӯғ нест”, “Рангҳо”, “Падар” ва ғайра чоп шудаанд. Соли 1995 барандаи Ҷоизаи Созмони ҷавонони Тоҷикистон гардидааст. Соли 2010 бо медали «Хизмати шоиста» қадр шудааст.


Аз соли 1994 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буд.

**АЗ ИДОРА:
АҲЛИ ҚАЛАМИ ҲАФТАНОМАИ “ТОҶИКИСТОН” АЗ МАРГИ АДИБ ВА РӮЗНОМАНИГОРИ МАЪРУФ АБДУЛҚОДИРИ РАҲИМ АНДУҲГИН БУДА, БА ПАЙВАНДОНАШ САБРИ ҶАМИЛ МЕХОҲАНД.**

ҚАДКӮТОҲӢ

Аз нигаронӣ то роҳи ҳал

СОЛҲОИ ОХИР БЕШТАРИ ВОЛИДАЙН АЗ ҚАДКӮТОҲИИ ФАРЗАНДОНАШОН НИГАРОН ҲАСТАНД ВА БО ИН МУШКИЛ БА ТАБИБОН МУРОҶИАТ МЕКУНАНД. ДОКТОР АББОСИ ТАВАККУЛИЁН БА ИН МАСЪАЛА РАВШАНӢ МЕАНДОЗАД.



ҚАДИ КӮДАК БОЯД ЧАНД САНТИМЕТР БОШАД?

Ҳар чизе дар ин дунё як таърифи хос, меъёр, тарҳ ва нақша дорад. Андозаи қади ҳамаи кӯдакони навзод, агар норас набошанд ва бемориҳои ирсӣ надошта бошанд, тибқи меъёр аз 47 то 53 см ва ба таври миёна 50 см хоҳад буд.

Ҳамаи кӯдакон дар соли аввали пас аз таваллуд ҳудуди 25 см баландтар хоҳанд шуд. Дар соли дувум ҳудуди 12,5 см қад хоҳанд кашид. Бинобар ин, ҳангоме, ки 2-сола мешаванд, андозаи қадашон байни 85 то 90 см ва ба таври миёна 87,4 см хоҳад шуд. Пас аз 2-солагӣ миқдори рушди солонаи кӯдакон ҳудуди 5,5 см дар сол хоҳад монд. Ба унвони мисол, агар кӯдаки шумо 7 соли пурра дорад, бояд қади ҳудуди 115 см дошта бошад. Яъне 87,5 см барои 2 соли аввали умр ва сипас ба изофаи 5,5 см дар сол, барои 5 соли баъд (то 7-сола) мешавад 27,5 см. Ҳоло ду адади 87,5 см ва 27,5 см-ро ҷамъ мекунем, мешавад 115 см.

Масалан, агар кӯдаки шумо 7 солу 8 моҳ дошта бошад, бояд барои ҳар моҳи баъдӣ 0,5 см изофа кунед. Ададе, ки бо ин формула ба даст меоред, рақами миёна ё мутавассити қади маъмул барои он син хос мебошад. Дар аксари вақтҳо ададе, ки ба даст меоред, дақиқан ба андозаи қади фарзанди шумост. Аммо андозаи 112 см то 118 см ҳам барои кӯдаки шумо ҳанӯз муътадил ба ҳисоб меравад.

ЧӢ ТАВР ҚАДРО ЧЕН МЕКУНАНД?

Ин тавсифҳо ба ин ҷиҳат аст, ки шумо қабл аз муроҷиат ба табиб, аввал меъёри миёнаи қади фарзанди худро ҳисоб кунед ва сипас қадашро бодиққат андоза гиред. Агар қади андозашуда бо меъёрҳои муайяншуда комилан наздик бошад, маънияш ин аст, ки фарзанди шумо аз назари рушд солим аст ва ниёз ба муоинаи эндокринолог надорад.

Барои андозагирии қад, кӯдак бояд пушт ба девор истад ва мустақим ба девори рӯ ба рӯ нигоҳ кунад. Пойҳо бояд канори ҳам ва пушти пойҳо, шонаҳо ва сари кӯдак ба девор часпида бошанд. Дар ин ҳолат як хаткашро рӯи фарқи сари кӯдак гузоред ва ба рӯи девор як нишона гузоред ва бо як ришта фосилаи аз замин то нишонаро андозагирӣ кунед. Ҷолиб аст бидонед, ки қади духтарҳо ва писарҳо то қабл аз инкишофи ҷинсӣ як хел буда ва аз ин формулаи ягона пайравӣ мекунад. Пас аз инкишофи ҷинсӣ, суръати рушд дар писарҳо нисбат ба духтарҳо бештар мегардад.

ЧАНД НУКТАИ БИСЁР МУҲИМ

Ҳеҷ вақт қади фарзанди худро ба қаду қомати фарзандони хешу табор, авлод, ҳамсояҳо, ҳамсинфҳо муқоиса накунед. Ҳар фарзанд ба падар ва модари худ монанд мешавад ва қадаш пас аз инкишофи комил дар ҳудуди қади волидайн хоҳад буд.

30 дарсади кӯдакон ба таври генетикӣ аз кӯдакони ҳамсинну соли худ аз лиҳози қад хурдтар ҳастанд ва мумкин аст дар формулае, ки истифода мебаред, қадашон аз 1 см то 2 см фарқ кунад. Ташхиси ин гуна бачаҳо бо як нигоҳ ба сурати падару модари онҳо дар замони кӯдакӣ равшан мешавад. Ин навъ рушди таърихӣ ҳамеша генетикӣ буда, падар ё модар дар кӯдакӣ хурдтар аз ҳамсолон буда, аммо пас аз балоғат қади онҳо ба қади дигар одамҳои ҷомеа наздик мешавад.

ТАШХИСИ ҚАДПАСТӢ

Барои ташхиси дақиқи иллати кӯтоҳии қад муоина, шарҳи ҳоли ҳамаҷониба, радиографии панҷаи дасти чап барои муайян кардани синни устухонӣ ва чанд озмоиши ҳормонии содда (TsH, GH ва IGF-1) кифоя аст. Озмоишҳои тазриқи озодшавии ҳормони рушд агар бо L-DOPA анҷом дода шаванд, беҳтар аст, ки анҷом нашавад. Озмоишҳои дақиқтар, мисли истифода аз GHRH ва аржичинини дохили раг дар Тоҷикистон мавҷуд нестанд. Бинобар ин, тамоми саъйи мо бояд бар ташхиси саҳеҳ аз рӯи муоина ва ҳамин чанд намуд озмоиш бошад.

ЭҲТИЁТ!!!

Охирин ва муҳимтарин нукта он аст, ки истифодабарӣ аз ҳормони рушд дар кӯдаке, ки озмоишоташ камбуди ҳормони рушдро нишон надиҳад, натанҳо ҳеҷ фоидае надорад, балки бисёр вақт хатарнок ҳам мебошад. Қабл аз истифода аз доруҳои ҳормони рушди гаронқимат, муддати 6 моҳ сабр кунед ва қади фарзанди худро дар тӯли 6 моҳи комил андозагирӣ намоед. Агар рушди қади фарзанди шумо дар тӯли 6 моҳ беш аз 2,5 см бошад, ба шуруъи дармон бо ҳормони рушд саросема нашавед. Агар як сол сабр кардед ва суръати рушди солонаи кӯдаки худро андоза гирифтед ва дидеду мулоҳиза кардед, ки ӯ дар як соли комил беш аз 5 см рушд кардааст, бидонед, тазриқи ҳормони рушд фоидаи зиёде нахоҳад дошт.

Тақвими



Ҳамал
21.03 - 20.04

Ҳафта барои омӯзиш созгор аст. Ҳангоми кор бо ашёҳои нӯгтезу буранда боэҳтиёт бошеду бо маҳлулҳои кимиёвӣ кор накунед. Дар акси ҳол ҷароҳат бардоштанатон эҳтимол дорад. Зимни робита бо дӯстон аз иғвоангезию ғайбат худдорӣ намоед.



Савр
21.04 - 21.05

Аввали ҳафта ҳангоми робита бо одамон душворӣ пеш меояд. Дучори ақидаҳои бемулоҳиза, нофаҳмӣ, фиребу хиёнат мегардед. Барои он ки аз нохушиҳо эмин монед, беҳтараш аз одамон дурӣ ҷӯед.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Нимаи аввали ҳафта барои он ки гирифтори бемориҳои инфексионӣ нагардед, чораҳои фаврӣ андешиданатон зарур аст. Дар ин рӯзҳо хеле заиф мегардеду зуком шудан ё шамол кашиданатон осон аст. Қобилияти кориятон дар ин рӯзҳо паст мешавад.



Саратон
22.06 - 23.07

Нимаи аввали ҳафта саратонҳо бо шахси дӯстдоштаашон забон ёфта наметавонанд. Ба назаратон чунин мерасад, ки гапу кореро аз шумо пинҳон мекунанд. Дар рафтори чуфтатон самимиятро намебинед. Рашки шумо боиси ҷангу моҷарои нодаркор мешавад.



Асад
23.07 - 22.08

Дар ин ҳафта ба ҳар коре, ки даст мезанед, қаблан бо волидон ё аъзои оила маслиҳат кунед, вагарна рафтори шумо боиси норизогии нафарони наздикатон мегардад. Чанд ҳодисаи дигари дар ин ҳафта бавуқуъомада боиси нофаҳмиҳои оилавӣ мегардад.



Сунбула
23.08 - 22.09

Хабару маълумоти зиёде, ки дар ин ҳафта мешунавед, қисмати зиёдаш бардурӯғ аст. Аз ҳамин лиҳоз, саросема шуда, аз рӯйи далелҳои носанҷида сари қароре наоед. Хусусан ҳангоми робита бо ҳамсояву ҳамкорон боэҳтиёт бошед.



Мизон
25.09 - 22.10

Нафароне, ки ба қиморбозиву қартабозӣ майл доранд, беҳтараш аз рӯзи душанбе то чоршанбе худро аз ин шуғлҳо дур бигиранд. Дар ин рӯзҳо дар масъалаи маблағ ва харидкунӣ бо шахси дӯстдоштаатон суҳбат накунед, чунки ба як хулоса омаданатон душвор мегардад.



Ақраб
23.10 - 22.11

Нимаи аввали ҳафта бояд хоҳишу мақсадҳоятонро бо андешаи наздикону волидон ё ҳамсафари ҳаётӣ мувофиқ намоед, то ки дар хонадонатон нофаҳмӣ сар назанад. Нимаи дуюми ҳафта диққати худро барои рафъи мушкилиҳои пулӣ равона созед.



Қавс
25.11 - 21.12

Нимаи аввали ҳафта ҳангоми амалӣ сохтани орзуву ниятҳоятон андаке нороҳатӣ эҳсос мекунед. Азбаски ба озодона амал кардан одат кардаед, маҳдудиятҳо метавонанд табъатонро нохуш гардонанд. Дар сарф намудани маблағ боандеша бошед.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Нимаи аввали ҳафта муносибат бо яке аз дӯстонатон бад мешавад. Агар дӯстиятонро аз даст додан нахоҳед, аз онҳо қарз нагиреду худатон низ қарз надиҳед. Маҳз мушкилоти молиявӣ боиси рахна пайдо кардани девори мустаҳками дӯстии шумо мегардад.



Далв
21.01 - 19.02

Аввали ҳафта муносибати сардори корхона бо шумо нохуб мегардад. Бо хаёлҳои хом умр ба сар бурданатон ба фоидаи шумо нест. Аз ҳодисаҳои пуризтиробе, ки аввали ҳафта рух медиҳанд, руҳафтодаву зиқ нашавед. Нимаи дуюми ҳафта вазъият ба куллӣ тағйир меёбад.



Ҳут
20.02 - 20.03

Нафароне, ки бо илмомӯзӣ машғуланд, нимаи аввали ҳафта дар супоридани имтиҳону санҷишҳо душворӣ мекашанд. Инчунин нафароне, ки корашон ба дари суду кормандони ҳифзи ҳуқуқ меафтад, дучори душвориҳо мегарданд.

«ХОБИ СУРХ» БА ҶАШНВОРАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ МЕРАВАД

Филми ҳунарии “Хоби сурх” дар ду ҷашнвораи байналмилалӣ - моҳи сентябр дар синамоҷашнвораи байналмилалии “Байконур” дар шаҳри Алмаатои Қазоқистон ва моҳи октябр дар синамоҷашнвораи байналмилалии “Само” дар Шветсия иштирок мекунад. Дар ин бора муаллиф ва коргардони филм Соҳибёр Толиб хабар дод.



Гуфта мешавад, ки филми “Хоби сурх” то ҳол дар ягон ҷашнвора иштирок накардааст.

“Ҳунарпешаҳои қазоқ дар бораи филми “Хоби сурх” аз расонаҳо маълумот гирифтаанд ва хоҳиш карданд, ки онро бубинанд. Филмро пешниҳод кардем, диданд ва ба ҷашнвора пешбарӣ шуд”,- мегӯяд Соҳибёр Толиб.

Ӯ ҳамчунин мегӯяд: “Иштироки филми “Хоби сурх” дар ҷашнвораҳои байналмилалӣ барои таҳиягарон роҳҳои зиёдеро боз мекунад. Аз ҷумла, ҳамкориҳои байналмилалӣ, пайдо кардани сармоя барои таҳияи филмҳои нав ва ғайраҳо, ки аз ҳар ҷиҳат хуб аст”.

Чанде пеш дар Душанбе нахустнамоиши филми “Хоби сурх” баргузор гашта буд.

ФИЛМҲОИ «ДОВФИЛМ» ДАР ТЕЛЕФОН

Минбаъд сокинони кишвар метавонанд филмҳои “Довфилм”-ро аз телефони ҳамроҳ ҳам тамошо кунанд.



16-уми сентябр бо мақсади бунёди фазои синамоӣ ва рушди синамои миллӣ киностудияи “Довфилм” бо ширкати “Оила ТВ” шартномаи ҳамкории стратегӣ ба имзо расонид. Минбаъд аксари филмҳои “Довфилм” дар замимаи “Оила ТВ” ҷой ва намоиш дода мешаванд.

Муҳиддини Музаффар, директори “Довфилм” гуфт, замимаҳои онлайнӣ дар баробари рушди интернет бар кинотеатрҳо дастболо шуд ва ин барои рушди соҳаи кино замина ҳам шуд.

“Таҷрибаи талхи 15-солаи мо бо сохтани филмҳоямон ҳамин буд, ки мо ҳеҷ гоҳ замимаи ягона надоштем, ҳамеша дасткӯтоҳ будем. Ман 15 сол аст, ки интизори чунин як шабака, як платформа будам, ки филмҳои миллӣ дар он ҷо ҷо шавад ва аз ҷониби тамошобинон пардохт шавад”,- гуфт ӯ.

Фахриддин Файзиев, директори ширкати “Оила ТВ” гуфт, ҳамкории “Довфилм” ва ширкати “Оила ТВ” натанҳо дар замимаи онлайнии худ намоиш додани филмҳои “Довфилм”-ро дар бар мегирад, балки дар самти истеҳсоли филмҳои нави ҳунарӣ, аз ҷумла силсилафилмҳо сармоягузорӣ кардан аст.

Ба гуфтаи вай, “чунин ҳамкории муштарак имкон медиҳад, ки бозори филмсозиву муҳити синамоӣ гарм шуда, дар саҳифаҳои шабакаи интернет филмҳои сифатан нави ҳирфавии миллӣ намоиш дода шавад”.

Киностудияи “Довфилм” соли 2023 аз ҷониби режиссёр Муҳиддини Музаффар дар шаҳри Душанбе таъсис ёфта, то имрӯз филмҳои ҳунарии “Мохӣ дар шаст”, “Блогер”, “Ҷосус”-ро таҳия намудааст.

«ҶОМӢ ВА НАВОӢ» БА ЎЗБЕКИСТОН МЕРАВАД

Файзулло Файзов, коргардони маъруфи тоҷик ва яке аз коргардонҳои филми муштараки Тоҷикистону Ӯзбекистон "Дурахши ахтарон: Ҷомӣ ва Навоӣ" хабар дод, ки наворбардории филми мазкур дар Тоҷикистон ба итмом расид.



Ӯ дар саҳифаи фейсбукаш навишт, ки аз 107 саҳнае, ки бояд барои филми "Дурахши ахтарон: Ҷомӣ ва Навоӣ" наворбардорӣ шавад, 51 саҳнаашро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати 41 рӯз сабт карданд.

Ҳамчунин, коргарони тоҷик иттилоъ додааст, ки 56 саҳнаи дигари филм дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон сабт мегарданд ва рӯзҳои наздик гурӯҳи корӣ ба кишвари ҳамсоя сафар мекунад.

Бояд гуфт, ки дар оғози филмбардорӣ нақши асосии Ҷомӣ ба Маҳмадсаид Шоҳиён, директори кунунии “Тоҷикфилм” дода шуда буд, вале баъди интиқоди ҷомеаи шаҳрвандӣ ин нақш ба Қурбони Собир, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон вогузор шуд.

Қурбон Собир аз охири моҳи август дар нақши Ҷомӣ дар филми мазкур ворид шуд ва банаворгирии нақшро аз Қалъаи Хуҷанд оғоз кард. Нақши дигари асосӣ - Алишер Навоиро дар ин филм Илҳом Бердиев, ҳунарманди Ӯзбекистон иҷро мекунад.

МАВЛУДНОМА

18 СЕНТЯБР

Анатолий Бенедиктов (1915-1991), 110-солагии зодрӯзи муаррих, профессор.

Владимир Демедчик (1930-1988), 95-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

19 СЕНТЯБР

Раҳимбердӣ Алиқулов (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Музаффар Неъматов (1950-2009), 75-солагии зодрӯзи меъмор, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

20 СЕНТЯБР

Гулназар (Келдӣ) (1945), 80-солагии зодрӯзи Шоири халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ, муаллифи Суруди миллии Тоҷикистон.

Саттор Қаюмов (1925-2005), 100-солагии зодрӯзи муаррих, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Абдулло Назрӣ (1930-2004), 95-солагии зодрӯзи Ҳофизи халқии Тоҷикистон.

Лола Сулаймонова (1930-1999), 95-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

21 СЕНТЯБР

Александра Леонова (1935), 90-солагии зодрӯзи наттоқи телевизион ва радио, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Кимё Шукурова (1930-1994), 95-солагии зодрӯзи забоншинос.

22 СЕНТЯБР

Мавҷуда Абдуллоева (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Тӯра Қодиров (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

Рафоат Раҳимова (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Асадулло Саъдуллоев (1940-2016), 85-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

23 СЕНТЯБР

Дилбар Юсуфова (1935), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Олим Хӯҷаев (1910-1977), 115-солагии зодрӯзи киноактёри тоҷиктабори Ӯзбекистон, Артисти халқии СССР.

24 СЕНТЯБР

Валерий Кучай (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология.

Нуқра Суннатниё (1950), 75-солагии зодрӯзи шоир.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Назаров Файзулло Исматуллоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Бинокорон, хонаи 14, ҳ. 2, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии хонаи истиқоматӣ ба номи Каримов Мурод Тураевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Ҷ. Имомов, хонаи 55/1, санаи 24.05.2018, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №0280029, рақами қайд 847, ба номи Юсупов Шоҳидҷон Шодмонович, ки соли 2024 аз ҷониби Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявии ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Нарзуллоев Карокатуло Зиёдуллоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Мехкалон 50, хонаи 69, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Бобохонов Хайридин Ибодуллоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Ҳосилот, хонаи 2/1, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҶДММ "Шоҳини Малик", №0281367, РЯМ: 0210027575, РМА: 020052519, санаи судур 25.10.2019, Нозироти андоз дар ноҳияи И. Сомонӣ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Алиханов Беҳруз Зебодуллоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Рӯдакӣ 1/3, ҳ. 3, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Созишнома дар бораи гузашт кардани ҳуқуқи талабот, 21.11.2024, таҳти феҳристи №3-3710 байни Пакаев Идрис ва Ҳотамов Муҳаммад Асалхоҷаевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Калинин 60, Блоки А (росткунҷа), ошёнаи 15, 77,2 м.м., аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи №596, аз 20.02.2023, ба номи Одинаев Саломудин Мусоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев 26, ҳуҷраи 128, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Мадалиев Ҳайдаршо Бобошоевич, РМА: 037202031, соли 2022, Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, варақаи қайд №23359, ба номи Қараев Маъруф ва Қараева Роқия, ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Чоргултеппа, уч. Урта-Кенгаш, деҳаи Саховат, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Сокиев Азизбек, РЯМ: 0730193769, РМА: 075812112, ки аз 17.09.2019 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ ба номи Нуралии Фирдавс, ки соли 2022 аз ҷониби Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Корвон 2011", №0297523, РЯМ: 3110000951, РМА: 310007505, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Бобораҷаб", РЯМ: 0710011381, РМА: 070018436, ки аз 16.09.2022 дар Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ЭЪЛОН

► Фабрикаи қаннодӣ хоҳишмандони аз 20 то 50-соларо ба басти рӯзонаву шабона дар назди маркази савдои "Ёвар" ба кор даъват мекунад. Барои маълумоти муфассал ба рақамҳои зерин муроҷиат кунед: 93-131-55-44, 900-34-92-44


Зодрӯз муборак, Анӯшервони азизи мо!



Мо, аҳли хонавода, дар ин рӯзи хушу хотирмон, ки ҷашни зодрӯзи туро якҷоя таҷлил менамоем, аз даргоҳи Худованд бароят тани сиҳат, умри дароз ва тамоми хушиҳои оламро таманно мекунем! Хоҳони онем, ки ҳама орзуҳои дар дил доштаат амалӣ гарданд! Ҳамеша дар таҳсил ва зиндагӣ сарбаланду комёб ва як умр азизи дили хонадон бошӣ!

Ҷуз ин сухан нагӯям,
ки Рӯдакӣ гуфта,
Сад сол бизӣ, сад ҳазор
сол бизӣ.

Бо эҳтирому самимият, бибиат Раҷабгул Муродова ва аҳли оила



ФУТЗАЛ



ТОҶИКИСТОН БО МАКАО, КАМБОҶА ВА ҶОПОН БОЗӢ МЕКУНАД

Аз 20 то 24-уми сентябр дар Қасри теннис ва маҷмааи варзиши обии шаҳри Душанбе бозиҳои интихобии Ҷоми футзали Осиё-2026 дар гурӯҳи «С» баргузор мешаванд.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар даври интихобӣ бо тимҳои миллии Макао (20-уми сентябр), Камбоҷа (22-юми сентябр) ва Ҷопон (24-уми сентябр) рақобат мекунад. Сармураббии дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон Пайрав Воҳидов ба ин мусобиқа ҳайати зеринро сафарбар кардааст: дарвозабонҳо: Фирӯз Бекмуродов, Нуриддин Ҷабборов, Фирӯз Бозмамадов; бозигарон: Дилшод Саломов, Идрис Ёров, Самандар Ризомов, Некрӯз Идиев, Насратшо Исмоилов, Муҳаммад Рачабов, Муҳаммадҷон Шарипов, Бахтиёр Солиев, Хусрав Холиқназаров, Умед Қузиев, Баҳодур Хоҷаев.

Ғолибони ҳашт гурӯҳи интихобӣ ва ҳафт дастаи бехтарини ҷойҳои дуюм ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2026, ки аз 27-уми январ то 7-уми феврал дар Индонезия баргузор мешавад, роҳ меёбанд.

ҶОМИ ТОҶИКИСТОН

“РЕГАР-ТАДАЗ” БОРИ 8-УМ БАРАНДА ШУД

Бозии финалии Ҷоми Тоҷикистон дар соли 2025 миёни дастаҳои “Регар-ТадАЗ”-и шаҳри Турсунзода ва “Эсхата”-и шаҳри Хуҷанд ба анҷом расид.



Вохӯрии дастаҳо дар варзишгоҳи “20-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон” дар ҳузури 13 850 тамошобин баргузор шуда, бо ҳисоби бузурги 5:0 ба фоидаи “Регар-ТадАЗ” анҷом ёфт.

Голҳоро аз ҳайати “Регар-ТадАЗ” Шервонӣ Мабатшоев, Самандар Қодиров, Шуҳрат Элмуродов ва Нозим Бобоҷонов заданд. Дар дақиқаи 90+1-ум Бахтиёр Зарипов аз ҳайати “Эсхата” корти сурх гирифт. Беҳтарин бозигари вохӯрӣ Шервонӣ Мабатшоев аз ҳайати “Регар-ТадАЗ” дониста шуд. Ба дастаи «Регар-ТадАЗ» 60 ҳазор сомонӣ ва ба дастаи «Эсхата» 40 ҳазор сомонӣ мукофот дода шуд.

Дастаи “Эсхата” бори аввал дар таърихи хеш дар финали Ҷоми Тоҷикистон бозӣ кард. “Регар-ТадАЗ” бори 8-ум ғолиби Ҷоми Тоҷикистон гардид. Ин даста дар мавсимҳои 2000-01, 2001-02, 2005, 2006, 2011, 2012, 2024 низ баранда шуда буд.


САМБО

ДУШАНБЕ МИЗБОНИ ҶОМИ ҶАҲОНӢ МЕШАВАД

20 ва 21-уми сентябр дар Душанбе бори аввал Ҷоми ҷаҳони куштии самбо бо ширкати варзишгарон дар 14 вазн миёни мардону занон дар самбои варзишӣ ва самбои размӣ баргузор мешавад.

Барои ширкат дар Ҷоми ҷаҳони самбо ба ҷуз Тоҷикистон то кунун 8 кишвари дигар - Русия, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, Беларус, Булғористон ва Маҷористон дархост пешниҳод кардаанд.

Тоҷикистонро Анӯшервон Назарзода (58 кг), Хурсандмурод Баҳромов (58 кг), Сорбон Латипов (64 кг), Нозимҷон Охиров (64 кг), Муҳаммадисо Рачабов (71 кг), Деваштич Устопириён (71 кг), Муҳаммадшариф Наҷмуддинов (79 кг), Деваштич Убайдӣ (79 кг), Зафар Олимшоев (88 кг), Ҳамроз Рачабов (88 кг), Муҳаммадҷон Зоидов (98 кг), Комроншоҳи Устопириён (98 кг), Хуршед Мачидзода (+98 кг), Некрӯзшоҳ Некбахтзода (+98 кг) ва Гулнора Насриддинова (65 кг) намояндагӣ мекунанд.



ҶУДО

ДУ ТИЛЛО, ЯК НУҚРА ВА ЧОР БИРИНҶИИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК АЗ ЧЕМПИОНАТИ ОСИЁ

Рӯзҳои 13-14-уми сентябр дар Ҷакартаи Индонезия Чемпионати ҷудои Осиё миёни наврасон ва ҷавонон баргузор шуд, ки дар он дастаи мунтахаби Тоҷикистон 7 нишон ба даст оварад.




Дар байни наврасон Мадина Қурбонзода дар вазни то 52 кг ба гирифтани нишони тилло шарафёб гардид. Мадина дар даври финалии мусобиқа дар як рақобати тӯлонӣ, ки то вақти тиллоӣ давом кард, ба муқобили Нигина Умирзоқова аз Ӯзбекистон бо имтиёзи вазарӣ ғалаба кард.

Рошид Неъматов дар вазни 73 кг бар ҷудокори дигари тоҷик Бобоҷон Шаропов ғолиб омада, соҳиби нишони тилло шуд. Бобоҷон Шаропов сазовори нишони нуқра гардид. Ҳамчунин Абубакр Абдучалилзода дар вазни -81 кг соҳиби нишони биринҷӣ шуд. Паҳлавонони наврас соҳиби 4 нишон шуданд.

Се нишони дигарро миёни ҷавонон Мадина Қурбонзода, Икром Шамсов ва Абдулло Лоиқов ба даст оварданд. Қурбонзода дар мубориза барои нишони биринҷӣ намояндаи Ҳиндустон Лейшантхем Нунгшитхои Чануро мағлуб кард. Шамсов барои ҷои сеюм бар намояндаи Ҳиндустон Рават Сидхарт ғолиб омад. Абдулло Лоиқов дар вазни то 81 кг барои нишони биринҷӣ муқобили Даниел Самуел аз Тайпеи Чин зафар ёфт. Ҳамин тавр, ҷавонон соҳиби се нишон шуданд.

РЕЗААХБОР



ФФТ тасмим гирифт пас аз баромади ғайриқаноатбахши даста дар мусобиқаи «CAFA Nations Cup 2025», ки тими футболи Тоҷикистон дар майдони худ натавонист аз гурӯҳ барояд, шартномаи ҳамкориро бо Гела Шекиладзе қатъ кунад. Ҳамчунин, пас аз баромади бебарори дастаи мунтахаби олимпии Тоҷикистон (U-23) дар марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2026, Федератсияи футболи Тоҷикистон қарор кард, ки шартномаро бо сармураббӣ Леван Хомерикӣ тамдид накунад.

***

Бозии даври 16-уми Лигаи олии Чемпионати футболи Тоҷикистон миёни дастаҳои “Панҷшер” ва “Вахш” бо ҳисоби 2:3 ба фоидаи “Вахш” хотима ёфт. Дар ҷадвали мусобиқа “Вахш” бо ин ғалаба соҳиби 33 имтиёз шуда, ба зинаи аввал баромад. КМВА бо 32 имтиёз дар зинаи дуюм ва “Истиқлол” бо 31 имтиёз дар зинаи сеюми ҷадвал ҳастанд.

***

Дар Чемпионати ҷаҳонии куштии тарзи озод дар шаҳри Загреби Хорватия паҳлавони тоҷик Виктор Расаддин дар вазни 70 кг аз паҳлавони Арманистон Арман Андреасян шикаст хӯрд. Намояндаҳои дигари Тоҷикистон Айаал Балалюбский (57 кг) аз паҳлавони рус Мусо Мехтихонов ва Магомет Евлоев аз паҳлавони украинӣ Василий Михайлов мағлуб шуданд. Абдулмачид Кудиев дар рақобати аввал пирӯзӣ ба даст оварда, дар даври дуюм аз намояндаи Ӯзбекистон Умедҷон Ҷалолов мағлуб шуд.

***

Яке аз размикорони маъруфи тоҷик Қамариддин Ҳасанов бо лақаби «Комил Каратэ» қарор аст аввалин бор ба ринги бокс барояд. 6-уми октябр дар Санкт-Петербург ӯ бо Андрей Ефимов аз Русия як набарди ба истилоҳ «халқӣ» баргузор мекунад. Ефимов, ки бо лақаби «Ушу-Мастер» маъруф аст, номи пас аз таваллудаш Алимирзоев Иброҳим аст. Баъдтар ӯро ба писархондӣ гирифта, Андрей Ефимов ном додаанд. Ҳасанов дар бисёре аз майдонҳо, аз октагон сар карда то татамӣ, набард кардааст, аммо бори аввал аст, ки ба ринг мебарояд.



МАЪРӮЗА

Директор ба котибааш:

- Моҳрӯ, ман ба ту гуфтам, ки маърӯзаи маро барои 15 дақиқа омода кун. Ман бошам, онро якуним соат хондам! Чаро чунин шуд?

Котиба:

- Анвар Анварович, маърӯзаи омодакардаи ман барои 15 дақиқа буд. Ман онро дар шаш нусха чоп карда будам...

МАЙМУН

Падар ба писар:

- Ту барои мӯйи саратро паст кардан 20 сомонӣ медиҳӣ?

Писар:

- Ҳа, чӣ буд?

Падар:

- Биё, ман бепул мӯйи саратро паст мекунам.

Писар:

- Не, дада, раҳмат. Намехоҳам мисли маймун шавам.

Падар:

- Ту бе ин ҳам мисли маймун мегардӣ, боз бар ивазаш 20 сомонӣ медиҳӣ!

ҲИКАК

Ҳамшираи тиб ба сардухтур:

- Духтур, чаро шумо ба пиразани 80-сола гуфтед, ки ҳомила аст?

Сардухтур:

- Хайр чӣ? Муҳимаш пиразан аз ҳикак халос шуд!

ДӮҒ

Набера аз бибӣ мепурсад:

- Бибӣ, агар шавҳар сахт асабӣ шавад, чӣ бояд кард?

Бибӣ:

- Ба ӯ дӯғи туршшуда деҳ! Бигзор дар дигар чой асабӣ шавад!

ДОМОФОН

Ба домофони хонае занг мезананд:

- Кистӣ?

- Дарро кушоед!

- Кистӣ мегӯям?

- Ин суҳбати домофонӣ нест!

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

ПИР ШУДААМ?

Дирӯз пеши духтур рафта будам. Варақаи бемории маро нигоҳкунон худ ба худ гуфт:

- Тамом! Корҳо тамоман бад! Эҳее, расво ку. Охир, ҳоло на ба он дараҷа пир, гӯем, ки тамоман ҷавон.

Талхакаф шудам. Бо овози ларзон пурсидам:

- Чӣ шуд, духтур? Ман мемирам?

- Э не,- сарашро бардошта, гуфт духтур,- туро ҳеҷ бало намезанад. Ман худам дигар бе айнак ҳарфҳоро хонда наметавонам...

САВОЛ БА МУАЛЛИМ

Сартарош мӯйи сари муаллимро паст мекард. Ҳангоми кор аз муаллим пурсид:

- Дар мактаб корҳоятон чӣ хел?

Муаллим гуфт:

- Мешавад, раҳмат.

Сартарош чанде хомӯш кор карду боз пурсид:

- Корҳоятон дар мактаб чӣ хел?

Муаллим боз гуфт:

- Нағз, раҳмат.

Баъди чанде сартарош боз пурсид:

- Дар мактаб корҳоятон дуруст?

Муаллим асабонӣ шуда, гуфт:

- Чаро ин қадар як гапро такрор мекунед?! Гуфтам ку, мешавад, раҳмат.

Сартарош гуфт:

- Ҳар гоҳе, ки номи мактабро мегирам, мӯйҳои саратон рост мехезанд ва кӯтоҳ карданашон осон мешавад...

КОРИ ИҶРОНАШУДА

- Устод, шумо маро барои коре, ки накардаам, ҷазо намедиҳед?

- Албатта не. Ин беадолатист!

- Хайрият. Устод, ман вазифаи хонагиро иҷро накардаам...

КОСАИ ТОЗА

Шахсе аз пеши бошишгоҳи чӯпонҳо роҳгузар шуд. Чӯпонҳо хӯрок мехӯрданд, ӯро ҳам таклиф карданд. Ӯ ҳам омада сари дастархон нишаст. Чӯпоне гуфт:

- Бародар, дар косаи шустагӣ хӯрок кашам ё дар косаи тоза?

Ӯ гуфт:

- Албатта дар косаи тоза.

Баъди бо иштиҳо хӯрдани хӯрок он шахс аз он чӯпон пурсид:

- Бародар, барои чӣ пурсидӣ, ки дар косаи шустагӣ хӯрок кашам ё дар косаи тоза? Чӣ фарқ дорад?

Чӯпон гуфт:

- Фарқаш ҳамин, ки косаи шустагиро худамон шустаем, косаи тозаро бошад, сагамон лесидааст...

ШАФТОЛУ

- Ака, ҳо ака, дадаам 10 дона шафтолу оварда. 8 донааш ҳақи ман ва 8 донааш ҳақи ту.

- Охир ҳашту ҳашт дах намешавад ку, зиёд мешавад.

- Ман намедонам, аллакай ҳашт донаи ҳақи худамро хӯрдам...

Хайрулло БАСРИДДИНОВ

Сканворд

